Аннотация. В данной статье рассматриваются исторические, правовые и социально-экономические аспекты, способствовавшие созданию налоговой системы на территории Средней Азии в эпоху Ахеменидской империи. На основе изучения работ отечественных и зарубежных исследователей, таких как И.Б. Буриев, Ш.А. Давлатов, Б.Г. Гафуров, Ф. Энгельс и других, а также письменных и археологических источников, в статье раскрываются уникальные черты организации государственного управления, налогового администрирования и финансового контроля в эпоху Ахеменидов.

Установлено, что налоговая политика Дария I Великого отличалась высокой степенью централизации и фискальной направленностью. В структуре империи ключевую роль играли сатрапии - административно-финансовые единицы, которые обладали правом взимания налогов, сборов и натуральных податей.

Система налогообложения Средней Азии в составе Ахеменидского государства способствовала формированию основ административного контроля, бухгалтерского учёта и единой денежной системы, основанной на золотых дариках и серебряных сиклях.

В статье рассматривается влияние финансово-налоговой модели Ахеменидской империи на последующие государства региона - Кушанское царство и державу Сасанидов. В этих государствах были усовершенствованы методы контроля за сбором налогов, а также структура финансового управления и формы ответственности должностных лиц.

Отмечается, что накопленный опыт налогообложения и финансового администрирования сыграл значительную роль в дальнейшем формировании экономических и управленческих традиций таджикского и других иранских народов.

Ключевые слова: Ахеменидская империя, Дарий I, сатрапия, налогообложение, фискальная политика, Средняя Азия, государственное управление, налоговая система, финансовый контроль, историко-правовой анализ.

Для цитирования: Хаитов, С. П. Финансово-правовая политика ахеменидов в v-iv вв. до н.э. / С.П. Хаитов // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 3(46). – С. 104-111.

FINANCIAL AND LEGAL POLICY OF THE ACHAEMENIDS IN THE 5TH-4TH CENTURIES BC

Haitov S.P.
Khaitov S.S.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article examines the historical, legal, and socioeconomic aspects that contributed to the development of the tax system in Central Asia during the Achaemenid Empire. Based on the works of Russian and foreign researchers such as I.B. Buriev, Sh.A. Davlatov, B.G. Gafurov, F. Engels, and others, as well as written and archaeological sources, the article reveals the unique features of the organization of public administration, tax administration, and financial control

during the Achaemenid era.
It has been established that the tax policy of Darius I the Great was highly centralized and fiscally focused. Satrapies-administrative and financial units with the right to levy taxes, duties, and tributes in kind-played a key role in the structure of the empire.
The taxation system of Central Asia under the Achaemenid Empire contributed to the formation of the foundations of administrative control, accounting, and a unified monetary system based on gold darics and silver shekels. This article examines the influence of the Achaemenid Empire's fiscal model on subsequent states in the region-the Kushan Empire and the Sassanid Empire. These states refined tax collection methods, as well as the structure of financial management and the forms of official accountability.
It is noted that the accumulated experience of taxation and financial administration played a significant role in the subsequent formation of the economic and administrative traditions of the Tajik and other Iranian peoples.
Keywords: Achaemenid Empire, Darius I, satrapy, taxation, fiscal policy, Central Asia, public administration, tax system, financial control, historical and legal analysis.

Введение. В период существования Ахеменидской империи были заложены некоторые базовые элементы социально-экономических и политических институтов, которые в дальнейшем сыграют немаловажную роль как в истории стран Востока, так отчасти и стран Европы. Во многом этому способствовали незаурядные правители из рода Ахеменидов: Кир II Великий, Камбиз II и Дарий I Великий [4].

Анализ последних исследований и публикаций. Отечественный учены И.Б. Буриев в своем книге «История государства и права Таджикистана. (от древнейших времен до начала XX в.).» подчеркивает, что: «первые достаточно развитые для своего времени правовые отношения в сфере налогообложения на территории современной Средней Азии возникли в IX-VIIвв. до н.э. с возникновением Ахеменидского государства. В этот же период, согласно письменным источникам, начался сбор налогов в пользу государства. Налогоплательщиками выступали все подданные, кроме военных. Представители духовенства платили налоги наравне с другими» [1].

Ф.Энгельс в свою очередь писал о налогах следующее: «Они появились вместе с возникновением государства и использовались им как основной источник средств, для содержания органов государственной власти и материального обеспечения выполнения ими своих функций» [9].

Цель статьи-исследование финансовой и правовой политики эпохи Ахеменидов.

Изложение основного материала. Налоговое законодательство Средней Азии в составе империи Ахеменидов в V-IVвв. до н.э. характеризовалось тем, что «Сатрап, непосредственно подчинявшийся царю, назначался почти всегда из числа персов. В его обязанности входило главным образом взимание податей в своей области и содержание войска... Важнейшую функцию государственного аппарата составлял сбор податей. По налоговой реформе Дария I, каждая сатрапия обязана была платить основной годовой налог деньгами. Кроме того, платили налог в виде натуральной подати, т.е. продукцией своего ремесла, горного дела, земледелия и скотоводства. Из

строительной надписи в Сузах известно, что среднеазиатские сатрапии поставляли разные породы отделочного камня для постройки ахеменидских царских дворцов (вероятно, и других построек), а также золото. В дополнение к этим налогам и повинностям существовали еще и внутренние пошлины и подорожные сборы. Тяжелым бременем ложилась на население поставка воинов в ахеменидское войско. Население неимоверно страдало от этих поборов, для уплаты которых нередко приходилось закладывать земли у ростовщиков или даже продавать детей в рабство» [3, С. 93].

Уже в то время налоговое законодательство на территории Средней Азии, завоеванной Персией, имело чисто фискальную функцию.

Следует отметить, что Дарий постоянно пытался контролировать провинции, и в его интересах было не допустить никаких сепаратистских поползновений. В связи с этим, в сатрапиях имели место некоторые институты и должности, которые должны были ограничивать власть сатрапа. Например, имелась такая должность как секретарь сатрапа, который являлся главным должностным лицом, осуществляющим связь между центральной канцелярией и канцелярией данной области, и отвечал за финансы. Располагался он в крепости и подчинялся лично царю.

На наш взгляд, отсутствие стимулирующей функции налогового законодательства объяснялось слабостью персидской династии Ахеменидов и постоянной тенденцией Согда и Бактрии к сепаратизму. Между тем именно поддержание оптимального соотношения фискальной и стимулирующей функций налогового законодательства – залог устойчивого развития страны.

Автор книги «Таджики» Б.Г. Гафуров пишет: «В ахеменидский период произошли большие социальные изменения (развитие земельных отношений, повышение значения рабского труда, активная деятельность торговых домов в Вавилонии и т.д.), были созданы единая государственная денежная система, налоговая система, основанная на учете экономических возможностей стран, входивших в состав империи, административная система с делением государства на сатрапии, границы которых были точно установлены, канцелярия с использованием единой общегосударственной письменности – арамейской» [3, С. 103].

По словам другого отечественного ученного Давлатова Ш.А. сбор налогов был организован следующим образом: «Средняя Азия была поделена на четыре сатрапии. Кочевые племена жившие вдоль побережья Каспийского моря, входили, как отмечает Геродот в состав XI сатрапии и платили ежегодно подати в сумме 200 вавилонских серебряных талантов (1 талант – около 30 кг. серебра) – с Хорезм, Согд и Парфия составляли XVI сатрапию и платили 300 талантов. Бактрия составляла XII сатрапию и платила 360 талантов. Наконец, саки входили в XV сатрапию, которая платила 250 талантов» [3, С. 93-94].

Приведенные сведения, по мнении Ш.А, Давлатова свидетельствуют: «… с точки зрения современного налогового права, говорят о том, что, с одной стороны, при Ахеменидах достаточно хорошо была развита государственная структура управления, были четко определены размеры налоговых обязательств, в государстве была создана своя система по сбору налогов, конкретизированы

налоговые обязательства, виды налогов и налогоплательщики. С другой же стороны, государство использовало откупную систему налогообложения, и это вело к нарушению прав налогоплательщиков, к тому, что сатрапы областей вводили дополнительные налоги с целью собственного обогащения. В итоге затраты по организации налогообложения значительно увеличились».

И.Б. Буриев и С.П. Хаитов считают: «…вхождение в течение более чем 200 лет Средней Азии в состав государства Ахеменидов имело для ее развития большое значение. Поскольку способствовало формированию и укреплению государственного устройства и управления, в том числе налогообложения, развитию экономики и культуры, расширению торговых и культурных связей с другими народами».

Геродот сообщает также о существовании в Средней Азии при Ахеменидах и еще одного вида добавочного налога – платы за пуск воды из искусственного озера (водохранилища) на поля: по словам древнегреческого историка, за открытие шлюзов водохранилища персидский царь взимает «большие деньги помимо обычной дани» [5, С. 271].

Система налогообложения ахеменидской империи использовалась и в государствах, созданных позже на обломках Ахеменидского и греко-македонских государств, нашествия гуннов, и даже после завоевания Средней Азии арабами.

Неограниченная власть царя опиралась не только на персидскую знать, но в известной мере и на свободных персов-общинников, которые были освобождены от налогов и занимали в державе Ахеменидов исключительно привилегированное положение, а также на местную знать завоеванных областей, которая получила возможность укрепить свои позиции и, на положении слуг персидского царя, беспрепятственно эксплуатировать как своих рабов, так и рядовых соотечественников-общинников [5, С. 265].

Данные исторические источники свидетельствуют о том, что предки таджикского народа и других иранских народов со временем накопили богатый опыт в сфере деятельности управленческих структур государства. Так, система руководства и управления финансами в Согдиане и Бактрии была создана на основе и по образцу той, что функционировала ранее. Об этом можно судить хотя бы по такому бесценному произведению персидско – таджикской литературы каким является «Кобус-наме» [6]. Его автор Кей-Кавус, был тесно связан с культурным кругом Саманидской империи, и благодаря этому он сохранил для потомков очень много интересных и необходимых сведений.

Греко-бактрийские цари чеканили монеты из золота, серебра и меди. Города имели огромные крытые рынки с обилием товаров со всего мира, т.е. можно говорить о наличии в этот период развернутой международной торговли. В свою очередь развитие торговли способствовало пополнению казны путем получения таможенных пошлин с ввозимых товаров. Обычно ставки пошлин составляли 10-12% от стоимости товара; ставка налога от продажи рабов 4%; налога с оборота или акциз на внутреннее потребление – 1%. Нормативные таможенные пошлины имели место во всех провинциях и взимались со всех ввозимых на продажу товаров. Величина пошлин дифференцировалась, в среднем ставка составляла 5% [8, С. 11].

Итак, можно еще раз отметить, что

2500 лет тому назад Дарий Великий (522 – 486 до н.э.) сформулировал весьма прогрессивные до сегодняшнего времени права и принципы налаживания контроля за взиманием пошлин и налогов и о предупреждении злоупотреблений на государственной должности (коррупции), в частности в налоговой сфере. Так, он считал, что неопределенность круга полномочий и рамок компетенций должностных лиц, возможность их безграничного контактировали с народом могут стать причинами их самовольства и тирании, взяточничества и злоупотребления должностью [2].

Примечательно, что наряду с другими государственными сообщениями из самых отдаленных регионов отправлялась и финансовая отчетность в период правления Дария I.

Для упорядочения налоговых поступлений Дарий ввел единую монетную систему, в основе которой лежал золотой дарик, весивший 8,4 гр. Дарик можно было разменять на 20 серебряных монет – сиклей (сикль весил 5,6 гр.). Золотую монету мог чеканить только царь; серебряная монета выпускалась также правителями отдельных областей.

Во главе каждой сатрапии (а иногда и нескольких сразу) стоял наместник-сатрап (перс. хшатрапа[ва]н), наделенный почти неограниченными полномочиями: в его руках сосредоточивалась как военная, так и гражданская власть. Сатрап должен был прежде всего обеспечивать поступление подати и осуществлять судебные функции. Он же осуществлял и набор войск. Сатрап мог чеканить серебряную и медную монету. Как правило, сатрапами были знатные персы. Для наблюдения за сатрапами существовали специальные чиновники-шпионы, которых называли «око» или «ухо царя», тайно сообщавшие о его действиях царю, но в остальном сатрапы фактически были предоставлены самим себе [5, С. 265].

Большую роль сыграло налоговое ведомство в администрации Кушанского царства. Ведь, помимо военной добычи, государство имело и другие источники обогащения, с населения собирались многочисленные налоги, существовали всякого рода повинности. Представление о них можно получить из надписи в Джунагадхе (ок. 150г. до н.э.), принадлежащей Рудраману I, правителю династии Западных Кшатрапов, который находился в зависимости от Кушан. Рудраман I в своей надписи сообщает, что его сокровищница переполнена грудами золота, серебра, бриллиантов, бериллов и других драгоценных камней, полученных с помощью «бали» (вид получаемого с подданных обязательного налога, в том числе сельскохозяйственного), «шулка» (сбор за перевоз, пошлина, налог за торговлю), «бхага» (царская доля, обычно шестая часть всей продукции). Существовали еще «кара» (периодический налог) и «кранайа» (благотворительность или чрезвычайный налог). На строительстве, в частности ирригационных сооружений, применялся «вишти» (принудительный труд, трудовая повинность). По эпиграфическим данным, в государстве Сатавахана примерно в то же время были ординарные и экстраординарные налоги, которые поступали в денежной и натуральной форме [5, С. 569].

Конечно, в самом Кушанском государстве и в кушанской Бактрии наименования и перечень налогов и повинностей были различными, но их разнообразие и объем едва ли были меньшими.

Существовали, очевидно, в столице (столицах) и крупных центрах центральные и областные хранилища. Так, в столице области Каписа, которая носит сейчас название Беграм (в окрестностях Кабула), при раскопках во «дворце» были открыты два помещения, оказавшиеся сокровищницей, в которой хранилось огромное количество высокохудожественных изделий из различных стран Средиземноморья и Индии. Как справедливо пишет М.Уилер, это, скорее, сокровищница таможни, в которой собирался царями или вице-царями Каписы налог с караванов и отдельных путешественников, налог с перемещаемых предметов роскоши Востока и Запада [5, С. 570].

В кушанский период (конец I - конец III в. н.э.) структура управления государственными финансами не было однородной, но играла важную роль в социально-экономической истории Средней Азии. Одним из значительных экономических денежно-финансовых событий того времени стала монетная реформа кушанского царя Кадфиза II. Он ввел в финансовый оборот золотые монеты разного достоинства, равноценные греко-римским монетам «динариус-ауреус». Целью введения кушанских золотых монет было повышение и сохранение международного торгово-денежного обращения государства и объединение географических зон империи. Стабильная денежно-финансовая политика получила развитие при Канишке и его преемниках, расширивших границы своего правления до Хорасана, Афганистана, Пакистана, Индии.

При Сасанидах финансовое управление было значительно усовершенствовано. А в период правления Шапура II и Хусрава I Ануширвана сформировалась государственная финансовая система, получившая в народе название «нуши раван». После падения Сасанидов даже великий пророк (мир Ему) говорил о времени правления Хусрава I Ануширвана: «Я горжусь тем, что родился при Ануширване».

В эти годы представители знати, в целях сохранения государства, вводили налоги в размере одной десятой или одной двадцатой части от дохода. Были введены и акцизы в виде превратных сборов у ворот городов [8, С. 7].

Уже в то время центральная власть, согласно особой инструкции главы государства, раз в год проверяла деятельность и финансовое состояние страны на местах. Государственные чиновники, наделенные контрольными функциями, тщательно изучали финансовое состояние, экспорт и импорт, доходы и расходы государства. Местные правители считали этих финансовых контролеров глазами и ушами шаха. Проверка финансов, состояния экспорта и импорта в регионах государства начиналась внезапно, без предварительного уведомления. Они со всей полнотой ответственности проверяли финансовое состояние, затраты, факторы повышения, снижения бюджета, выявляли проблемы и недостатки экономики. После финансовых проверок составляли подробный отчет с указанием причин, факторов возникновения финансовых недостатков, предлагали пути предотвращения финансовых, экономических недостатков, указывали неверные методы руководства, бережливость местных правителей. В заключительной части сообщений ставили вопрос о замене руководителей для исправления финансовой ситуации в стране. Такой метод ведения финансовой политики

на местах повышал ответственность местных властей, помогал в разрешении вопросов сбережения казны, пополнения государственного бюджета. Государственные контролеры могли даже приговорить местных правителей, совершивших серьезные финансовые преступления, к смертной казни.

Заключение. Как видим на каждом этапе исторического развития экономической и социальной жизни таджикского народа происходили соответствующие изменения в экономическом строе, управленческой структуре, экспортно-импортных отношениях, финансово-денежном обращении. Все эти изменения диктовались временем, складывающимися социально-политическими и историческим условиями.

Литература

1. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). -Душанбе: Ирфон, 2007. –С.23.
2. Васиятномаи шоҳ Дориюш //Неруи сухан, 25 сентябри соли 2003, №34; Халифазода С. Совершенствование системы налогового администрирования в современных условиях (на примере РТ) Дис. …к.э.н., по специальности 08.00.07 – Финансы и кредит. –Душанбе, 2023. –С.21.
3. Гафуров Б. Таджики Кн 1. – Душанбе Ирфон, 1989.
4. История древнего Востока. Тексты и документы / Под редакцией В.И Кузищина //Цилиндр Кира. – М.: Высшая школа, 2002. –С. 386-387.
5. История Таджикского народа. Древнейшая и древняя история. –Душанбе, 1998. –Т.1.
6. Кей-Кавус. Кабус-намэ /Пер. Е. Бертельса. –М.: Издательство восточной литературы, 1958. –136 с.
7. Рахимзода Р.Х. Ахеменидская империя и розыскная деятельность. /Правовое поле современной экономики. – 2016, -№5. –С.193.
8. Черник Д.Г., Налоги и рыночной экономике, М., Финансы, 1997.
9. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства //К.Маркс, Ф. Энгельс. Соч, Т.21 –С.171.

Сведения об авторах

Хаитов Саидали Поргиевич – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Тел.: 901030164 E-mail: saidali.66@list.ru

Хаитов Сулаймон Саидалиевич - Таджикский

About the authors

Khaitov Saidali Porgievich - Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor of the Department of Economics, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Finance and Economics. Tell: 901030164 E-mail: saidali.66@list.ru

Khaitov Sulaymon Saidalievich - Tajik State University of Finance and

Маълумот дар бораи муаллиф

Ҳаитов Саидали Поргиевич - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Суроға: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: saidali.66@list.ru

государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. Адрес: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: Somon94@list.ru

Economics, Ph.D. candidate of the Department of Finance. Address: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: Somon94@list.ru

Хаитов Сулаймон Саидалиевич - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. Суроға: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: Somon94@list.ru

УДК: 342.59

ДАР БОРАИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАСНИФИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАВӢ

Табаров Н.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои таснифи принсипҳои мурофиавӣ бахшида шудааст. Муаллиф андешаҳои олимонро нисбати хусусиятҳои принсипҳои мурофиавӣ таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки принсипҳои мурофиавиро ба принсипҳои умумимурофиавӣ ва принсипҳои хусусимурофиавӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: принсипҳои мурофиавӣ, ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ. ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ, принсипҳои умумимурофиавӣ, принсипҳои хусусимурофиавӣ.

Барои иқтибос: Табаров, Н. А. Дар бораи баъзе хусусиятҳои таснифи принсипҳои мурофиавӣ / Н. А. Наботзода, С.А. Табаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 3. – С. 112-118.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ КЛАССИФИКАЦИИ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРИНЦИПОВ

Табаров Н.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Статья посвящена исследованию особенностей классификации процессуальных принципов. Автор анализируя мнения ученых относительно особенностях процессуальных принципов, приходит к выводу, что процессуальные принципы можно разделить на общепроцессуальные принципы и частно-процессуальные принципы.

Ключевые слова: процессуальные принципы, конституционное процессуальное право, гражданское процессуальное право, экономическое процессуальное право, уголовно-процессуальное право, административно-процессуальное право, общепроцессуальные принципы, частно-процессуальные принципы.

ON SOME FEATURES OF THE CLASSIFICATION OF PROCEDURAL PRINCIPLES

Tabarov N.A.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article examines the classification of procedural principles. Analyzing scholarly opinions on the specifics of procedural principles, the author concludes that procedural principles can be divided into general procedural principles and specific procedural principles.

Key words: procedural principles, constitutional procedural law, civil procedural law, economic procedural law, criminal procedural law, administrative procedural law, general procedural principles, private procedural principles.

Гузориши масъала. Принсипҳо барои мурофиа муқаррароти ҳуқуқие мебошанд, ки баъзеи онҳо сабти қонунгузориашонро ёфтаанд, яъне дорои аломатҳои муайянии расмӣ, умумиҳатмӣ, ҳокимиятӣ, меъёрӣ, мебошанд, ки татбиқсозии худро ба таврҳои гуногун вобаста аз давраи мурофиа амалӣ менамоянд. Мавриди назар қарор додани категорияи ҳуқуқии «принсипҳои мурофиавӣ» комилан асоснок аст, зеро он барои муайян намудани хусусиятҳои тафриқаи соҳавӣ ва байнисоҳавие, ки ба самт ва ташаккули фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таъсир мерасонанд, аҳамияти калон доранд.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Ба масъалаи принсипҳои мурофиавӣ дар асарҳои Б.Т. Безлепкин [3], С.Ш. Болтуев [4], А.А. Власов [5], Н.М. Коршунов [6], М.К. Треушников [7], В.П. Божьев [15] ва дигарон диққати зарурӣ дода шудааст.

Мақсади мақола таҳқиқи хусусиятҳои таснифи принсипҳои мурофиавӣ мебошад.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Омӯзиш ва таҳлили маънои принсипҳои ҳуқуқ имкон медиҳанд, ки моҳият, мазмун ва хусусиятҳои хоси ин ё он соҳаи ҳуқуқ муайян карда шавад.

С.Ш. Болтуев қайд мекунад, ки принсипҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфта ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос менамоянд ва ба танзим медароранд. Онҳо сиёсати ҳуқуқии давлатиро ифода карда, ба раванди пайдошавӣ, татбиқ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар такмили ҳама низоми ҳуқуқӣ ва асосҳои демократии он таъсири ҳалкунанда доранд [4, с. 49].

Ба андешаи А.Л. Захаров [8, с. 16] ҳамон як принсипҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ амал мекунанд, ба таври гуногун — мувофиқи хусусиятҳои предмети дахлдори соҳаи танзими ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд. Дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ онҳо мазмуни махсуси худро доранд, ки ба онҳо мазмуни мустақил медиҳанд. Мушаххасгардонии принсип дар доираи як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ, ки барои як қатор соҳаҳои он амал мекунад, тавассути таҳлили институтҳои мушаххаси соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ ва муқаррароти ҳуқуқие, ки барои ин институтҳо умумианд, ошкор карда метавон. Дар баробари ин, соҳаҳои ҳуқуқ мустақилияти худро гум намекунанд, зеро дар таркиби онҳо мавҷуд будани қоидаҳое, ки принсипҳои якхела ё ҳамномро сабт менамоянд, муттаҳидшавиро дар як соҳа талаб намекунад. Ҳамин тариқ, вобаста аз доираи тақсимот принсипҳои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавӣ ҷудо карда мешаванд.

Принсипҳои умумиҳуқуқӣ – ин оғозҳои васеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқӣ (демократизм, таъмини ҳуқуқҳои шахс, инсондустӣ, адолат, қонуният, баробарҳуқуқӣ) мебошанд [9, с. 23].

Ба андешаи А.Л. Захаров принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқро ба метавон ҳамчун як ғояи асосие, ки барои ду ё зиёда соҳаҳо умумӣ буда, робитаҳои қонунии инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос карда, дар ҳуқуқи позитивӣ ба таври меъёрӣ сабт гардида, танзими ҳуқуқиро раҳнамоӣ карда ва моҳияту таъиноти иҷтимоии ҳуқуқро муайян менамояд, баррасӣ кард [8, с. 20].

Принсипҳои соҳавӣ принсипҳое мебошанд, ки дар доираи як соҳаи ҳуқуқ амал мекунанд. Агар ба ҳуқуқи мурофиавии маданӣ муроҷиат кунем, он гоҳ барои он принсипи диспозитивият хос аст, дар холате ки барои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ эҳтимолияти бегуноҳӣ хос аст, гарчанде С.Г. Бандурин [2, с. 33] онро ҳамчун байнисоҳавӣ муайян мекунад.

Бо проблемаи принсипҳо бевосита ва бавосита проблемаҳои назарияи ҳуқуқи мурофиавӣ алоқаманданд[10; 13; 16], зеро маҳз маҷмӯи принсипҳои мурофиавии судии сабтгардида ва кафолатнок имкон медиҳад, ки дар бораи ҳаҷм ва кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон баҳс намуд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқро ҷудо менамоянд.

Принсипҳои моддӣ ғояҳои асосӣ, меъёран батартибандохташуда, нуктаҳои ибтидоии асоси ташаккул, инкишоф ва фаъолияткунии ҳуқуқро дар тамоми гуногунии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунанд. Принсипҳои мазкур ҷанбаи мазмунии муносибатҳои мурофиавиро

тавассути батартибандозии қонунгузории имкониятҳои императивӣ ва диспозитивии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян менамоянд.

Принсипҳои мурофиавӣ - ин муқаррароте мебошанд, ки асоси ташаккул ва фаъолияткунии муносибатҳои мурофиавиро ташкил медиҳанд [11, с. 48].

Ба принсипҳои мурофиавии ҳуқуқ хусусиятҳои категорияи «принсипҳои ҳуқуқ» хос мебошанд: 1. танзимкунандагӣ, яъне принсипҳои ҳуқуқ рафтори одамонро муайян мекунанд, ба он самти фаъолияткунӣ ва инкишофро медиҳанд, онро ба доираи муайян медароранд; онро мақсаднок ба тартиб меандозанд[8, с. 78].

Ба андешаи В.Н. Кудрявтсев ва А.В. Наумов принсипҳои ҳуқуқӣ на инъикоси ғайрифаъолонаи воқеият ва на хоҳишҳои абстрактӣ, балки воситаи муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд[12, с. 55]; 2. хосияти аксиоматикӣ: принсипҳои ҳуқуқ нисбат ба дигар меъёрҳои ҳуқуқ бартарӣ доранд. Ҳамаи меъёрҳо бояд аз принсипҳо бароянд; 3. вайроннашавандагӣ: вайрон кардани принсипҳои ҳуқуқ бояд боиси бекоркунии ҳатмии санади меъёрӣ гардад. Л.С. Явич вобаста ба ин қайд кардааст, ки «беэътиноӣ нисбат ба принсипҳо, вайрон кардани онҳо аз ҷониби қонунгузор ё суд ба устувории низоми ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ халал мерасонад, ба ҳолати шуури ҳуқуқӣ таъсири манфӣ расонида, қобилияти вайрон кардани танзими ҳақиқии ҳуқуқиро доранд»[17, с. 149]; 4. универсалӣ будан (ягонагии принсипҳо): принсипҳо барои ҳамаи ҳуқуқ умумӣ мебошанд; 5. системанокӣ: вобастагии ҳамдигарӣ, мустақилияти принсипҳо, тағйирпазирӣ; 6. меъёрӣ будан: аз сабти принсипҳои ҳуқуқ дар меъёрҳои ҳуқуқ иборат аст. То он вақте, ки ғояи асосии довталаби нақши принсипи ҳуқуқ дар қонун ифода наёфта бошад, вай принсипи ҳуқуқ шуда наметавонад. Вай фақат ғояи назариявӣ, илмӣ, ғоя-принсип боқӣ мемонад. Меъёрӣ будан мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ҷамъиятиро вазифадор (уҳдадор) мекунад, ки дар фаъолияти худ принсипҳои ҳуқуқро ба роҳбарӣ гиранд.

Ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ дар судҳои юрисдиксияи (салоҳияти) умумӣ аз ҳама бештар муҳимаш принсипҳои мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ мебошанд, бинобар ин, як қатор хусусиятҳои тавсифкунандаи принсипҳои мазкурро қайд кардан бамаврид аст.

Ҳамчун муқаррароти асосии ҳуқуқ муайян кардани принсипҳо, ки муайянии расмӣ доранд, барои шарҳ додани мавҷудияти ба истилоҳ асосҳои бечунучарои бекор кардани ҳалномаҳо ва ҳукмҳо дар мурофиаи судӣ кумак мекунад. Вайрон кардани муқаррароти принсипиалии ҳуқуқ, бешубҳа, боиси бекор кардани ҳалномаи суд, сарфи назар аз моҳияти дурустии он мегардад, аммо вайрон кардани меъёри муқаррарии ҳуқуқ на ҳамеша боиси бекор кардани ҳалнома мегардад. Муқаррароти асосии ҳуқуқ барои дуруст шарҳ додани меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ аҳамияти калон доранд. Ҳангоми мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ (маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.) принсипҳои ҳуқуқ ба пайдо кардани қонуни монанд кумак мекунанд ва ҳангоми мавҷуд набудани қонуни монанд онҳо асос барои ҳал кардани парвандаи маданӣ мебошанд.

Масъалаи тавсифи намудии принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро қайд карда истода, ба назар мувофиқ менамояд, ки он ба хусусиятҳои ҷанбаи таснифӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони гуногуни илмӣ-амалӣ таъкид шудаанд, асоснок карда шавад.

В.П. Божьев низоми принсипҳои худро баён карда, ба ҷиҳатҳои такягоҳие, ки дар Конститутсия ба тартиб андохта шудаанд, асос менамояд. Ба ақидаи вай принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятиро метавон ҳамчун дар Конститутсия ва дар асоси он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сабт гардидани ғояҳои асосии

ҳуқуқӣ, ки сохтори тамоми мурофиаи ҷиноятӣ, моҳияти он, хусусияти демократизмро муайян мекунанд, баррасӣ кард [15, с. 73]. Таърифи мазкур бо яктарафагии назар ба гуногуннамудӣ ва системавии принсипҳо тавсиф мешавад, зеро гуногуннамудии принсипҳо маҳз дар соҳаи мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад.

Ӯ зикр менамояд, ки принсипҳои зикргардида дар давраи муҳокимаи судӣ амал мекунанд. Дар давраи тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ баъзеи онҳо амал намекунанд ва ё дар доираи маҳдуд амал мекунанд (амалӣ намудани адолати судӣ танҳо аз ҷониби суд, мустақилияти суд, бевосита ва шифоҳӣ будани муҳокимаи судӣ). Як қатор принсипҳо ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои мурофиавӣ ва моддӣ-ҳуқуқӣ, дар давраи иҷрои ҳукм (ҳуқуқи шикоят аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ) амалӣ карда мешаванд.

Дурустии мавқеи В.П Божъев дар он ба назар мерасад, ки принсипҳо хусусияти танзим кардан, васеъ намудан, пурра кардани маънои мафҳумиро танҳо дар ин ё он давраи мурофиа вобаста ба нозукиҳои муносибатҳои ҳуқуқии танзимшаванда доранд. Бо вуҷуди ин, аҳамияти махсус дар хусусияти ғояҳои ҳуқуқии маҳз ин ё он соҳаи ҳуқуқ зоҳир мегардад ва азбаски принсипҳои умумиҳуқуқӣ дар Конститутсия ифода ёфтаанд, аҳамиятнокии асосии онҳо бебаҳс аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки таснифоти намудии принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро оварда истода, ба ғояҳои такягоҳии маҳз мурофиаи ҷиноятӣ, яъне тавсифи соҳавӣ диққат додан лозим аст. Дар акси ҳол тамоми моҳияти соҳавӣ аз даст меравад.

Б.Т. Безлепкин принсипи мурофиаи ҷиноятиро асосӣ, қоида-талабот меномад, ки ба он на даврaҳои алоҳида ва махсусан амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ, балки тамоми тартиби истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ сохта шудааст ва ба он ҷавобгӯ мебошад [3, с. 231]. Дар ҳақиқат бошад принсипҳои умумиҳуқуқӣ амали худро дар тамоми давоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ нигоҳ медоранд ва инҳо афзалиятан ҳамон принсипҳое мебошанд, ки В.П. Божъев зикр намудааст, вале ба ҳар ҳол ба принсипҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва институтсионалӣ додани аҳамияти ёрирасон беасос ба назар мерасад, зеро инъикоси фаъолияткунии мурофиавии судии ҷиноятии онҳо дар ин ё он даврaҳои мурофиа ба таври гуногун зоҳир мегардад, ки ин дар ниҳоят моҳияти тамоми мурофиаи ҷиноятиро зоҳир менамояд.

Дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ чунин намудҳои таснифи принсипҳо, ба монанди принсипҳои мурофиаи судӣ (фаъолияти мурофиавии судро ба тартиб меандозанд) ва принсипҳои сохтори судӣ (принсипҳои ташкили адолати судӣ) мавҷуданд.

А.А. Власов тамоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро аз рӯи ҳадафҳо тақсим мекунад: 1) ба таъминкунандагони ҳалли вазифаҳои мурофиавӣ (оммавият, ҳамаҷонибагӣ, пурраги ва объективият, мубоҳисагӣ, мустақилияти судяҳо); 2) таъминкунандагони ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар (дахлнопазирии шахсият, манзил, эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳифзи шаъну шарафи шахс); 3) кафолатдиҳандагони ҳамзамони ҳам ҳалли вазифаҳои мурофиавӣ ва ҳам риояи ҳуқуқҳои субъектҳои он (таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ва гумонбаршуда ба ҳимоя, назорати прокурорӣ ва судӣ) [5, с. 46].

Бо асосҳои болоӣ, принсипи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки мавқеи бунёдии ҳокимият, ки хусусияти марҳалаи муайяни инкишофи таърихии ҷомеаро инъикос карда, муайянии расмӣ дошта, тамоми даврaҳо ва институтҳоро фаро гирифта, барои ҳамаи иштирокчиёни мурофиа ҳатмӣ мебошад, муайян карда шавад.

Оид ба таҳлили принсипҳои мурофиаи маданӣ дахл карда, бояд зикр кард, ки онҳо низ дар муносибат дар ҷомеаи илмӣ ба таърифи ин категория ва

ҷанбаҳои таснифотӣ норавшаниро аз сар мегузаронанд.

М.К. Треушников маънои этимологиро асос карда, принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданиро муқаррароти бунёдии он, ақидаҳои асосии ҳуқуқие, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии аз ҳама бештар хусусияти умумидошта ифода ёфтаанд, меномад[7, с. 62].

Хусусиятҳои муҳими тавсифкунандаро таҳлил намуда, мувофиқи мақсад аст, ки принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданиро ҳам ҳамчун асосҳои ҳокимиятӣ, ба таври меъёрӣ батартибандохташуда, ки моҳияти мурофиаи маданиро ифода намуда, тағйироти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иҷтимоиро инъикос мекунад ва ҳам ҳамчун натиҷаи ҳаёти қонунэҷодкунии ҷамъият, ки барои ҳамаи иштироккунандагони мурофиа умумиҳатмӣ мебошанд, муайян кард.

Масъалаи таснифи навъии принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ хеле муҳим ва баҳснок мебошад. Р.Л. Иванов [9, с. 152], Н.М. Коршунов, Ю.Л. Мареев [6, с. 215], М.К. Треушников[7, с. 64] қайд мекунанд, ки принсипҳои мурофиаи маданӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: принсипҳои ташкилӣ-функсионалӣ (баъзан онҳоро принсипҳои ташкили адолатӣ судӣ ё сохтори судӣ меноманд) ва принсипҳои функсионалӣ (баъзан онҳоро принсипҳои мурофиаи судӣ меноманд).

В.М. Семёнов [14, с. 56] се аломати таснифкуниро пешниҳод менамояд, ки аз рӯи хусусияташон гуногунанд: самти амал (байнисоҳавӣ ва соҳавӣ), сарчашмаҳо (конститутсионӣ ва соҳавӣ), нақши онҳо дар танзими ҳуқуқӣ (муайянкунандаи хусусияти фаъолияти суд ва шахсони дар мурофиа иштироккунанда).

В.М. Семёнов ҳамчун қайд мекунад, ки таснифи принсипҳои мурофиаи маданӣ вобаста аз нақши онҳо дар тавсифи вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқии суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа низ имконпазир аст. Чунин навъи тақсимоти принсипҳо, пеш аз ҳама, ба вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ва хусусияти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии суд дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони манфиатдор сабаб шудааст, ки мақсади ниҳоии мурофиаи маданиро аз рӯи парвандаи мушаххас ташкил медиҳад.

Аз рӯи ин асос вай таснифоти зерини принсипҳои мурофиаи судии маданиро пешниҳод мекунад: а) принсипҳое, ки мавқеи махсуси суд ва шартҳои умумии демократии фаъолияти судиро тавсиф мекунанд: амалӣ намудани адолати судӣ танҳо аз ҷониби мақомоти судӣ, интихобӣ будани судяҳо, мустақилияти судяҳо ва итоати онҳо танҳо ба қонун, шифоҳият, бевоситагӣ, бетанаффусӣ, ошкоройӣ; б) принсипҳое, ки мавқеи шахсони иштирокчии мурофиаро тавсиф мекунанд: забони миллии мурофиаи судӣ, дастрасии ҳифзи судӣ, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, диспозитивият, баробарии тарафҳо дар мурофиа, шакли мубоҳисавии мурофиаи судӣ.

В.В. Ярков якчанд асосҳоро барои тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қайд мекунад[1, с. 42-44]: аз рӯи қувваи ҳуқуқии сарчашмае, ки принсипҳоро сабт мекунад (принсипҳои конститутсионӣ ва принсипҳое, ки дар дигар қонунгузорӣ сабт гардидаанд); аз рӯи доираи амалӣ принсипҳо (принсипҳои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ, институтсионалӣ); аз рӯи функсияҳо (ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ-ҳуқуқӣ).

Бояд қайд кард, ки дар вақти ҳозира низоми ҳуқуқи мурофиавиро ба ғайр аз ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, боз ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ва ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ низ ташкил менамояд, ки онҳо бевосита ё бавосита бо фаъолияти мурофиавии судҳои низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд.

Вобаста ба ин, чунин таснифоти принсипҳои мурофиавиро ба принсипҳои умумимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ дар ду ва зиёда соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд)

ва принсипҳои хусусимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ танҳо дар як соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд) қайд кардан мумкин аст.

Чунончӣ принсипи қонуният қариб дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯрад (масалан, дар ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ), бинобар ин онро метавон ба принсипҳои умумимурофиавӣ мансуб донист. Принсипи дахлнопазирии манзил танҳо дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ вомехӯрад, принсипи ботантана гузаронида шудани мурофиаи судӣ бошад танҳо дар ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ вомехӯрад, бинобар ин онҳоро метавон ба принсипҳои хусусимурофиавӣ мансуб донист.

Бо назардошти ҳолатҳои болоӣ, чунин аломатҳои асосии принсипҳои мурофиавиро қайд кардан мумкин аст: объективнокии мундариҷа; сабти қонунгузорӣ; омирона будан; умумиҳатмӣ будан; истифодабарӣ нисбат ба он муносибатҳои мурофиавӣ (институтҳо, даврaҳо), ки барои онҳо пешбинӣ шудаанд; асосҳои рафъи камбудиҳои ҳуқуқ; асоси бечунучаро барои бекор кардани қарори аз рӯи парванда қабулшуда.

Дар хотима, бояд зикр намуд, ки принсипҳо сохтор ва хусусиятҳои муҳими ҳуқуқи мурофиавиро муайян мекунанд, муқаррароти умумие, ки мундариҷаи онро муайян мекунанд, тамоми қоидаҳо ва институтҳоро дарбар мегиранд, мақсади мурофиа ва методҳои амалӣ намудани ин мақсадро нишон медиҳанд, хусусият ва мундариҷаи фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи мурофиавиро муайян мекунанд. Гарчанде ки принсипҳо устувор бошанд ҳам, вале вобаста ба талаботи нави ҳаёти ҷамъият инкишоф меёбанд.

Адабиёт

1. Арбитражный процесс: Учебник / Под ред. В.В. Яркова. – М.: Юристъ, 2002. – 480 с.

2. Бандурин С.Г. Публичность как принцип уголовного судопроизводства и его действие в стадии возбуждения уголовного дела. … дисс. канд. юрид. наук: 12.00.09. - Саратов, 2004. – 209 с.

3. Безлепкин Б.Т. Уголовное процессуальное право. - М., 2006. – 487 с.

4. Болтуев С.Ш. Мурофиаи гражданӣ. Қисми умумӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 384 с.

5. Власов А.А. Уголовный процесс. учебное пособие - Вологда, 2003. – 116 с.

6. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. Н.М. Коршунова. – М.: Норма, 2006. – 848 с.

7. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. М.К. Треушникова. - М.: Издательский Дом «Городец», 2008. – 784 с.

8. Захаров А.Л. Межотраслевые принципы права. …дисс. канд. юрид. наук. - Самара, 2003. – 357 с.

9. Иванов Р.Л. Принципы советского права. …дисс. канд. юрид. наук: 12.00.01. - Л., 1988. – 218 с.

10. Котов О.Ю. Влияние решений Конституционного Суда на гражданское судопроизводство. …дисс. канд. юрид. наук: 12.00.15.- М, 2001. – 177 с.

11. Курохтин Ю.А. Конституционно-правовое регулирование и реализация принципа состязательности судопроизводства в Российской Федерации. …автореферат дисс. канд. юрид. наук: 12.00.02. – М., 2007. – 28 с.

12. Российское уголовное право. Общая часть: Учебник / Бородин С.В., Кудрявцев В.Н., Кузнецова Н.Ф., Наумов А.В., и др.; Под ред.: Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. - М.: Спарк, 1997. - 454 с.

13. Селезнев Н. В. Конституционный Суд и уголовное судопроизводство. …автореф. канд. юрид. наук: 12.00.02. – М., 1999. – 40 с.
14. Семенов В.М. Конституционные принципы гражданского судопроизводства. – М.: Юрид. лит., 1982. - 152 с.
15. Уголовный процесс / Под ред. В.П. Божьева. – М.: Спарк, 2002. – 704 с.
16. Федоров И.В. Гражданское и арбитражное судопроизводство как предмет совместного международно-правового и внутригосударственного регулирования. …автореф. канд. юрид. наук: 12.00.10.- Казань, 2002. – 32 с.
17. Явич Л.С. Общая теория права. - Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1976. - 287 с.

Маълумот дар бораи муаллиф

Табаров Неъмон Амонович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

Сведения об авторе

Табаров Неъмон Амонович - кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического и финансового права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

About the author

Tabarov Nemon Amonovich - Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

УДК: 346.543

ОИД БА ИНКИШОФ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дустов С.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақалоаи мазкур оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, инкишоф ва танзими ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти сармоягузории шарикӣ таърихи куҳан дошта, он бо истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ, ки шакли муосири шартномаи ширкат мебошад амалӣ мегардад. Ин шартнома солҳои охир дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон маъмул гашта, барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд ва дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ созгор мебошад.

Калидвожаҳо: шартнома, сармоягузорӣ, шарикӣ, ширкат, қонунгузорӣ, иқтисодиёт, саноат, рушд.

Барои иқтибос: Дустов, С. А. Оид ба инкишоф ва танзими ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. А. Дустов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 3. – С. 119-125.

О РАЗВИТИИ И ПРАВОВОМ РЕГУЛИРОВАНИИ ДОГОВОР ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Дустов С.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Данная статья содержит информацию по правовым вопросам, развитию и правовому регулированию договор инвестиционного товарищество в Республике Таджикистан. Автор отмечает, что партнерская инвестиционная деятельность имеет давнюю историю, она осуществляется с использованием договор инвестиционного товарищество, который является современной формой договора прастое товарищество. Этот договор стал популярным в последние годы в развитых странах мира, способствует привлечению внутренних и иностранных инвестиций, а также является гармоничным в экономических условиях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: контракт, инвестиции, партнерство, компания, законодательство, экономика, промышленность, развитие.

ON THE DEVELOPMENT AND LEGAL REGULATION OF THE INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Dustov S.A.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article contains information on legal issues, development and legal regulation of the investment partnership agreement in the Republic of Tajikistan. The author

notes that partner investment activity has a long history, it is carried out using the investment partnership agreement, which is a modern form of the original partnership agreement. This agreement has become popular in recent years in the developed countries of the world, helps attract domestic and foreign investments, and is also harmonious in the economic conditions of the Republic of Tajikistan.

Keywords: contract, investment, partnership, company, legislation, economy, industry, development.

Гузориши масъала. Шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шартномаҳои муҳим ба шумор рафта, инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии дар доираи он танзимшаванда рӯз то рӯз тамоили афзоиш доранд. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад. Муаммоҳо дар доираи шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ бо инкишоф ёфтани муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ то рафт рӯ ба афзоиш дорад. Аз ин ру омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии шартнома ва пешниҳодҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сармоягузории шарикӣ, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва содагардонии расмиёти бақайдгирии давлатӣ амали мегардад, тақозои ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии шартномаи сармоягузории шарикӣ дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносони дохилӣ ва хориҷӣ ба монанди: Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М., Ассе А.А. Афанасьева Е. Г., Бакшинскас В. Ю., Губин Е. П. Барон Ю. Дождев Д.Р. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Мақсади мақола. Таҳлили инкишоф ва танзими ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ ва аҳамияти он дар рушди фаъолияти соҳбкорӣ ва зарурати амалигардии он дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Солҳои охир сармоягузорӣ ба яке шаклҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ табдил ёфта, ҳамаҷониба рушд менамояд. Яке аз навъҳои он сармоягузории шарикӣ мебошад, ки солҳои охир дар баъзе давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории венчурӣ истифода мегардад. Сармоягузории шарикӣ бо доираи васеъи сармоягузорон ва дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ амалӣ мегардад.

Гарчанде шартномаи сармоягузории шарикӣ солҳои охир дар ҷаҳон маъмул гардидааст, вале заминаҳои ҳуқуқии он аз умқи асрҳо сарчашма мегиранд. Муҳаққиқон А.И.Фридман., Р.М. Янковский, Е. Г. Афанасьева, В. Ю. Башкинскас, Е. П. Губин, А. А. Кирилловых [2, с. 12] шартноми сармоягузории шарикиро ба яке аз навъҳои шартномаи ширкат (ки дар Рими қадим маъмул буд нисбат медиҳанд [14, с. 94] Шартномаи societas имруз бо номҳои гуногун зуҳур намудааст, ки яке аз навъҳои асосии он шартномаи ширкати одӣ мебошад [3, с. 83] ва дар соҳаи фаъолияти соҳибкорию саромягузорӣ бо мақсадҳои ба даст

овардани фоида ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шарикон, аз ҷумла саҳмгузориҳои дастаҷамъӣ нақши калидӣ дорад.

Дар хусуси аҳамияти шартномаи ширкати одӣ (societas) ва мақоми он дар байни дигар шартномаҳо муҳаққиқ В. Мельгунов таваҷҷуҳ намуда, ишора менамояд, ки шартномаи ширкат одӣ (societas) яке аз институтҳои куҳан буда, аз ҳуқуқи Римӣ то замони мо омада расидааст. Муҳаққиқ ишора менамояд, ки ин шартнома чун қоида дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда мешуд ва барои зарар ва дигар оқибатҳои аҳдшуда шарикон тибқи он уҳдадорҳои мутақобила доштанд [8, с. 198]. В. Шретер бошад чунин қайд менамояд, ки қонунгузории гражданӣ шартномаи ширкати одӣ (societas)-ро дар ягон давраи таърихӣ фаромӯш накардааст, [15, с. 8] ки ин навъ баҳодиҳӣ аз нақш ва аҳамияти баланди шартномаи мазкур дар даврaҳои гуногуни таърихии ҷомеаи инсонӣ дарак медиҳад.

Таҳқиқотҳо шаҳодат медиҳанд, ки заминаи ҳуқуқии нахустини шартномаи сармоягузории шарикӣ ин ҳуқуқии хусусии Рим мебошад, [4, с. 207] зеро вожаи лотинии (societas) дар қонунҳои Рим асосан ба маънои ширкат, муттаҳидӣ, иттиҳодияи тасодуфӣ ё шартномавӣ маънидод гардида, муносибатҳои моликияти шарикиро байни аъзоёни худ ифода мекард. Чунин иттиҳодияҳо дар қонунҳои Рим аллакай то замони Қонунҳои XII ҷадвал низ маълум буданд.

Дигар заминаи ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ ин Институти Гая мебошад. Тибқи Институти Гая ширкат (societas) – шартномае дониста шудааст, ки тавассути он ду нафар ё якчанд нафар ҷиҳати расидан ба баъзе мақсадҳои хоҷагидории худ муттаҳид шуда, якҷоя фаъолият мекарданд. Ширкат (societas) субъекти алоҳидаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ҳамчун universitas, ки «ба шахси идеалӣ ва ҳуқуқӣ дода мешуд», набуд [13, с. 99].

Аз ин рӯ мо кушиш намудем ин санади муҳимми ҳуқуқиро таҳлил намуда, роҷеъ ба меъёрҳои он дар бобати муносибатҳои шарикӣ хулосабардорӣ намоем. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар Институти Гая, Китоби сеюм, моддаҳои 148-156 ба шартномаи ширкат (societas) бахшида шудааст. Дар моддаи 148-уми ин санади муҳимми ҳуқуқӣ тартиби бастани шартномаи Ширкат (societas) муқаррар шуда, он одатан ба хотири иртибот бо тамоми молу мулк ё оид ба анҷоми баъзе муомилот, масалан, барои хариду фурӯши ғуломон баста мешуд. Ба ҳамин мазмун дар моддаи 149 вобаста ба зарару зиён ё фоидаи шарикон, моддаи 150 оид ба тақсими одилонаи ҳиссаи фоида ё зиён байни шарикон, моддаи 151 доир ба даст кашидан аз ширкат, моддаи 152 вобаста ба қатъ гардидани шартнома бинобарсабаби марги яке аз шарикон, моддаи 153 оид ба қатъ гардидани шарикӣ бо сабаби паст шудани қобилияти ҳуқуқии яке аз шарикон ё дар сурати рози будани дигар шарикон идома додани ширкат бо аъзогии шарики нав, моддаи 154 вобаста ба қатъ гардидани шарикӣ дар сурати ба таври оммавӣ ё хусусӣ фурухта шудани амволи дигар шарик, моддаи 155 доир ба вогузор кардани амалҳо ё идоракунӣ кори муайян ба дигар шахс ва масъулияти шарикон аз рӯи виҷдон ва моддаи 156 оид ба додани маблағ бо фоиз муқарарроти меъёрӣ дарҷ гардидааст [7, М.148-157].

Мувофиқи шартномаи мазкур шарикон, ҷиҳати ноил гаштан ба манфиатҳои умумӣ фаъолият менамуданд ва дар он уҳдадориҳои тарафайни ҳар як шарик нисбат ба дигарон ба миён меомад. Шартҳои шартнома аз ҷиҳати ҳуқуқӣ инҳо буданд: а) ризоият; б) саҳмгузорӣ; в) бисёрҷониба будан; г) эътимоднокӣ) [11, с. 70].

Дар ҳуқуқи хусусии Римӣ, иттиҳод ё шарикӣ пеш аз ҳама барои ноил гардидан ба мақсадҳои соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, тиҷорат ё расидан ба дигар ҳадафҳои умумии шарикон маънидод гардидааст.

Тавре Т.В Ламм, қайд менамояд, «...шарикии ҳуқуқи Римӣ асосан ба эътимоди мутақобилаи ҷонибҳо асос ёфта, ба муҳлати муайян баста мешуд. Дар societas шариконе муттаҳид мешуданд, ки мақсади онҳо расидан ба ҳадафи муайян тавассути ҷалби воситаҳои модии беруна буд. Т.В. Ламм инчунин ишора менамояд, ки маҷмӯи шаклҳои ташкилие, ки дар ҳуқуқи римӣ дарҷ гардидаанд, дарвоқеъ, намунаи амалҳои мувофиқашудаи шумораи маҳдуди шахсони воқеӣ буд, ки бо кафолат ва дастгирии тарафайн асосёфта буд ва ҳуқуқи хусусии римӣ ба иттиҳодияи шартномавии шахсон ном гузошт ва хусусиятҳои асосии онро муайян кард [8, с. 15].

Наздиктарин намунаҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ дар Рими қадим шартномаҳои зерин буданд, ки инкишофи онҳо аз тағйиротҳои куллии ҷомеа, бахусус муносибатҳои иқтисодию истеҳсолии он замон вобастагӣ дошт.

Дождев Д.Р. ва Е.А. Исаичева ба инҳо чунин навъҳои шартномаҳоро мансуб медонанд: 1) societas omniumĭonorum (шарикии ҳама дороиҳо); 2) societas quaestus (шарикии фоидаовар); 3) societas alicujus гуфтушунид (шарикии тиҷорат); 4) societas unius rei (шарикии як чиз ё як тиҷорат). Societas omniumĭonorum-ин аввалин навъи шартномаи шарикӣ буд, ки аз рӯи он аъзои як оила дар асоси ризоият тамоми молу мулкеро, ки якҷоя мерос гирифта буданд нигоҳ дошта, ҳам ба молу мулки мавҷуда ва ҳам ба хариди эҳтимолии молу мулки оянда якҷоя амал мекарданд. Societas quaestus-ин навъи шарикӣ вақте ба миён омад, ки шарикони аҳдкунанда на тамоми молу мулки худро, балки танҳо он чизеро, ки аз ҳиссагузориҳои ибтидоӣ ва хариди оянда дар асоси шартномаҳои пулакӣ иборат буд, муттаҳид мекард. Societas alicujus negotiationis-ин навъи шарикӣ асосан барои як навъи фаъолияти муштараки шарикон (масалан, савдо), истифода мешуд ва шартнома бо ҷамъ кардани амволе, ки барои чунин фаъолият зарур буд ё дар ҷараёни иҷрои он ба даст меомад, маҳдуд шуда буд. Societas unius rei-ин навъи шарикӣ барои истифодаи як ашё (масалан, замин, ғулом) ва ё ба вуҷуд омадани ягон ҳодиса (масалан, сафари тиҷоратии баҳрӣ) шариконро муттаҳид менамуд[5, с. 154].

Ин навъи иттиҳодияҳои шартномавӣ дар ташаккули ҳаёти римиёни қадим аҳамияти калон доштанд ва маҳз ҳамин навъи шартномаҳо шакли қадимии шартномаҳои шарикии муаосир, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд мебошанд.

Дар давлатҳои шарқ ҳам, заминаҳои ҳуқуқии пешбурди муносибатҳои шарикӣ мавҷуд буданд. Яке аз чунин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ин Қонунҳои шоҳ Ҳамурапӣ дар Бобулистони қадим мебошад, ки ҳашт

моддаи он ба созишномаҳои шарикӣ бахшида шудаст [1, с. 4]. Аз таҳлили ин санади нодири ҳуқуқи ба мо маълум гашт, ки моддаҳои 99-107 он ба муносибатҳои шарикӣ бахшида шудааст. Масалан тибқи моддаи 99 ин санад агар касе нуқраро ба дигар кас дар асоси муносибатҳои шарикӣ дода бошад, фоида ва зиёни он бояд дар назди Худо баробар тақсим карда мешуд. Ба ҳамин тартиб дар моддаи 100 вобаста ба фуруш ва масрафи амволи шарикӣ ва фоидаи дар натиҷаи он ба дастомада ва тақсими он, дар моддаи 101 доир ба зиёне, ки аз муносибатҳои шарикӣ ба дигар шарик расидааст ва оқибатҳои он, дар модди 102 доир ба сарфи амволи шарикие, ки дар натиҷаи он фоида ба даст наомадааст ва оқибатҳои он, дар моддаи 103 оид ба тассаруфи амволи шарикӣ аз ҷониби ғосибон ва оқибати он, дар моддаи 104 роҷеъ ба мубодилаи амволи шарикӣ, дар моддаи 105 вобаста ба бемасъулияти дар муносибатҳои шарикӣ, дар моддаи 106 доир ба садоқат дар муносибатҳои шарикӣ ва дар моддаи 107 вобаста ба ҷавобгарӣ дар муносибатҳои шарикӣ дар сурати расонидани заррар ба дигар шарик меъёрҳои ҳуқуқӣ сабт гардидаанд [6, с. 152-177].

Дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон низ муносибатҳои шарикӣ аз замонҳои гузашта маълум буданд, зеро таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва таърихии аҷдодони мо дар ин бора шаҳодат дода, аз мавҷудияти ин гуна қонунгузорӣ ва муносибатҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Муҳаққиқони тоҷик М.А. Маҳмудов ва Ш.М. Менглиев оид ба пайдоиши муносибатҳои шарикӣ ишора намуда, қайд менамоянд, ки ин муносибатҳо пеш аз ҳама дар натиҷаи умумияти молумулкии оилавӣ, асосан байни ҳаммеросхурон оид ба муҳофизати молу мулки худ ва идоракунии он пайдо гардидаанд [11, с. 70].

Ҳамин тариқ муносибатҳои шарикӣ солҳои тӯлонӣ дар сарзамини мо аз рӯи ҳуқуқи мусулмонӣ танзим гардидаанд, зеро давлатҳое, ки дар ин мудати тулонӣ рӯи саҳнаи сиёсат омаданд фаъолияти худро тибқи ҳуқуқи мусулмонӣ амалӣ менамуданд.

Баъди ҳамроҳшавии Аморати Бухоро ба Империяи Россия дар солҳои 1920-1922 дар сарзами аҷдодии мо соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ёфт ва меъёрҳои ҳуқуқи шартномавӣ, аз ҷумла шартномаи ширкат, ки имруз бо номи ширкати одӣ маълум аст аз оилаи ҳуқуқи Романо-Олмонӣ ба низоми ҳуқуқи мадании мо мароҳила ба марҳила ворид гардид, зеро кишвари Россия, худ дар ҳамин оилаи ҳуқуқ қарор дошт.

Раванди қонунэҷодкунӣ ва инкишофи шартномаи сармоягузории шарикӣ дар давлатҳои ИДМ низ ҷараён дошта, оид ба ин масъала мутобиқгардонӣ ва муттаҳидгардоии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ идома дорад. Институи шартномаи сармоягузории шарикӣ айни ҳол дар давлатҳои ИДМ, аз ҷумлаи Русия, Казокистон, Белоруссия мавриди истифодабарӣ қарор дошта, дар ин давлатҳо ба таври қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, дар фаъолияти сармоягузорӣ самаранок истифода мегардад. Масалан дар Россия Қонуни федералӣ «Дар бораи сармоягузории шарикӣ», аз 28 ноябри соли 2011, дар Ҷумҳурии Беларус Қонуни «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 12 июли соли 2013 ва Ҷумҳурии Қазоқистон Қонун «Дар бораи фондҳои сармоягузорӣ ва венчурӣ аз

07.07.2004, қабул гардида мавриди амал қарор дорад.

Аз таваҷҷӯҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи сармоягузорӣ маълум мегардад, ки фаъолияти сармоягузорӣ воқеан ҳам барои рушду камолоти давлатдории миллии мо муфид мебошад. Аз ин рӯ моро лозим аст, ки бо мақсади амалӣ гардидан ҳадафҳои муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла "Таъмини истиқлолияти энергетикӣ", "Саноатикунонии бо суръат" ва "Рушди саноат" ҳамаҷониба кушиш намуда, заминаҳои нави меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва имкониятҳои лозимаро барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварем.

Дар шароити кунунии кишвари мо ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти сармоягузории шарикӣ ва истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ айни мудао мебошад, зеро табитан маълум аст, ки тавоноии як субъекти фаъолияти сармоягузорӣ барои амалӣ гардидани лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ мушкил ва ғайриимкон мебошад, аммо якҷоя гаштани якчанд субъектони фаъолияти сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранок ва натиҷабахш буда метавонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ то кунун муносибатҳои сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳимми иқтисодиёти кишвар маҳсуб гардида, ҷалби сармояи хориҷӣ зере таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар қарор дорад. Аммо то кунун заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бахши сармоягузории шарикӣ ба мукаммалгардонӣ эҳтиёҷ доранд. Бо ин мақсад Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 – уми декабри соли 2021 ишора намуданд: «Моро зарур аст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сармоягузории мустақимро нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз зиёд намуда, ҳамзамон ҷалби маблағҳои имтиёзнокро тақвият бахшем ва дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоем [12, с. 5-6].

Дар ин ҷо масъалагузорӣ бояд кард, ки оё кадам роҳҳои ҷалби сармоя ва кадом заминаҳои ҳуқуқӣ барои ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ва муфид мебошад ва дар татбиқи ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаовар буда метавонанд ва кадом роҳҳои татбиқи онҳо имрӯз дар ҷумҳурии мо имконпазир аст?

Хулоса мо ба он назарем, ки яке аз василаҳои муҳим барои татбиқи ин ҳадафҳои наҷиби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин инкишоф ва таҳким бахшидани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузории шарикӣ дар санадҳои қонунгузории амалкунанда ва қабули санади меъёрӣ – ҳуқуқии махсус дар бахши сармоягузории шарикӣ мебошад. Ин яке аз воситаҳое мебошад, ки мо метавонем ҳамбастагии ҳамаҷонибаи субъектҳои бозори сармоягузории кишвар, бахусус сармоягузории муштаракро, ки ба ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2018-2028, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 мувофиқ мебошад, амалӣ гардонем.

Адабиёт

1. Ассе А.А. Правовые вопросы создания и деятельности торговых товариществ в Иордании и в некоторых других странах Ближнего Востока: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 1999. - С. 4
2. Афанасьева Е. Г., Бакшинскас В. Ю., Губин Е. П. и др. Корпоративное право: учебник / отв. ред. И. С. Шиткина. М.: Волтерс Клувер, 2007. С. 12.
3. Барон Ю. Система римского гражданского права. Выпуск первый. Книга I. Общая часть. СПб., 1909. С. 83.
4. Гражданское право: В 2 т. Том II. Полутом 2: Учебник./ Отв.ред. проф. Е.А. Суханов. - 2-е изд., перераб. и доп. - М., 2000, С.207.
5. Дождев Д.Р. Римское частное право. М., 1997. С. 528; Исаичева Е.А. /Римское право. Саратов.- 2010, С. 154.
6. Законы Хамурапи. Перевод Якобсона В.А. (Хрестоматия по истории древнего Востока. 1. М.1980. С.152-177)
7. Институции Гая. Книга третья, Текст и перевод. — Варшава, 1891, М. 148-156.
8. История государства и права зарубежных стран, под ред. П.Н.Галанза.- М., 1963, С. 108.
9. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. /Учебно-практический. Части первая, вторая, третья, четвертая. – 2-е изд., перераб. и доп. / Под ред. С.А. Степанова. – М.: Проспект; Екатеринбург: Институт частного права, 2009, С. 359.
10. Ламм Т.В. Договор простого товарищества в римском праве и отечественной цивилистической доктрине // Известия Иркутской государственной экономической академии. – 2002. - № 2. – С. 52.
11. Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М. /Ҳуқуқи хусусии Рим. - Душанбе: Сино, С. 70.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, С. 5-6.
13. Плиев М.Ф. История возникновения и развития договора о совместной деятельности в России // Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени К.Л. Хетагурова. – 2009. - № 4. – С. 99.
14. Фридман Антон Ильич. Правовое регулирование инвестиционных фондов в России, США и Люксембурге. Дисс. К.ю.н..- М., 2019, С.121.
15. Шретер В. Советское хозяйственное право. - Москва, 1928, С.8,149.
16. Янковский Роман Михайлович Правовое регулирование венчурного инвестирования: дис. … канд. юрид. – Москва., 2018, С.94.

Маълумот дар бораи муаллиф

Дустов Сулаймон Абдуллоевич - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе, Ҷумхурии Тоҷикистон. slaimon.86@bk.ru.

Сведения об авторе

Дустов Сулаймон Абдуллоевич - Таджикского государственного финансово-экономического университета, Душанбе, Республика, Таджикистан, slaimon.86@bk.ru.

About the author

Dustov Sulaimon Abdulloevich - Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe?Repbulic of Tajikistan, slaimon.86@bk.ru.

УДК:340

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - ВОСИТАИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

Ҳасанова М.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ташаккули он яке аз муҳимтарин воситаҳои ташаккули ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд буда, дар замони муосир ташаккули он ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлату ҷомеа табдил ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидааст ва дар асоси он як қатор чораҳои амалӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ дар назар дошта шудааст. Таъмини ҳуқуқҳои инсон, ки муҳимтарин муаррифгари давлати демократӣ аст, дар асоси баланд бардоштани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ боз ҳам осонтар мегардад. Муаллифон ин нуқтаро дар доираи мақолаи зерин мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои асосӣ ва вазифаву натиҷаҳоро аз эълони Соли маърифати ҳуқуқӣ тасниф намудаанд

Калидвожаҳо: маърифати ҳуқуқӣ, маърифатнокӣ, шуури ҳуқуқӣ, фалсафа, ҷамъият, саводнокӣ, эътиқод, рӯҳия, зуҳуроти ҳуқуқӣ, арзишҳои демократӣ, институти ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

Барои иқтибос: Ҳасанова, М. А. Маърифати ҳуқуқӣ - воситаи таъмини ҳуқуқҳои инсон/ М. А. Ҳасанова // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 3. – С. 126-132.

ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ - ИНСТРУМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Хасанова М.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Правовое просвещение населения и его формирование является одним из важнейших инструментов формирования демократического и правового общества, и в наше время его формирование стало одной из важнейших задач государства и общества. В Республике Таджикистан 2024 год также объявлен Годом правового просвещения, и на его основе предусмотрен ряд практических мер с целью повышения уровня правовой грамотности населения. Обеспечение прав человека, который является важнейшим выразителем демократического государства, становится еще проще на основе повышения осведомленности и правосознания. Авторы исследуют этот момент в рамках следующей статьи и классифицируют основные особенности, задачи и результаты объявления года правового просвещения.

Ключевые слова: правовое просвещение просвещение, правовое сознание, философия, общество, грамотность, убеждения, настроения, правовые явления, демократические ценности, институт прав человека, верховенство закона, правонарушения, юридическая ответственность.

LEGAL EDUCATION IS AN TOOL FOR ENSURING HUMAN RIGHTS

Hasanova M.A.
Tajik state university of finance and economics

Abstract. Legal education of the population and its formation is one of the most important tools for the formation of a democratic and legal society, and in our time its formation has become one of the most important tasks of the state and society. In the Republic of Tajikistan, 2024 has also been declared the Year of Education and Law, and on its basis a number of practical measures are envisaged to increase the level of legal literacy of the population. Ensuring human rights, which is the most important expression of a democratic State, becomes even easier through increased awareness and legal awareness. The author explores this point in the next article and classifies the main features, tasks and results of the announcement of the year of legal education.

Keywords: legal education, enlightenment, legal consciousness, philosophy, society, literacy, beliefs, moods, legal phenomena, democratic values, human rights institution, rule of law, offenses, legal responsibility.

Гузориши масъала. Мушкилоти шуур, дарк ва маърифатнокӣ дар илмҳои фалсафӣ, психологӣ ва сотсиологӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Шуури инсон дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятии меҳнатӣ ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ он маҳсули рушди ҷамъиятӣ мебошад. Маҳз дар ҷараёни меҳнат, ҳангоми таъсир ба табиат инсон хосиятҳои ашёро дарк мекунад, ошкор мекунад, чизи муҳимро аз чизи ночиз, ки аз тасодуфӣ зарур аст, ҷудо мекунад ва инчунин муносибати худро ба муҳити зист, одамон, ҷомеа ва қонунҳои он муайян месозад.

Таҳлии таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки низоми ақидаҳои ҳуқуқӣ, назарияҳо, ғояҳо, эътиқодҳо, арзёбиҳо, рӯҳияҳо ва ҳиссиёте, ки муносибати шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва тамоми ҷомеаро ба ҳуқуқи мавҷуда ва дилхоҳ, ба зуҳуроти ҳуқуқӣ ва ба рафтори одамон дар соҳаи ҳуқуқ муайян мекунад [5, с.43]. Яъне, он дарки субъективии падидаҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби одамон аст.

Мақсади мақола. Мутаассифона дар ҷомеаи муосир ҳалли масъала ва ё баланд бардоштани масъулиятнокӣ танҳо бо доштани шуур ва доштани қобилияти дарки масъала иқтифо карда намешавад. Масъалаҳои ҳуқуқӣ аз зумраи масоили нозук ва бисёр муҳими ҷомеа ба шумор меравад. Зеро қонун ҳеҷ гоҳ хатогии кӯчактаринро ҳатто аз назар соқит карда наметавонад ва дар навбати худ надонистани қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, тибқи муқаррароти мавҷуда ҷавобгариро истисно намекунад. Аз ин рӯ, мақсад ва муҳтавои мақола ҳаминро тақозо медиҳад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар уҳдадор аст, ки дар баробари донистани маърифати ҳуқуқӣ, арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои миллии донаду аз он ҳифозат намояд.

Муҳтавои асосии мавод. Мувофиқи таҳлилҳои равоншиносон ва дигар коршиносону мутахассисони соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ, заминаи асосии ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолии мамлакат ташкил менамояд. Маҳз тавассути баланд бардоштани саводнокӣ, дарк, тафаккур ва маърифати ҳуқуқӣ метавон дар замири аҳолӣ маданияти ҷомеаи демократиро бедор намуд ва бо ин ба ҳадафи муҳимтарини бунёди ин ҷомеа ноил гардид. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи аврупоӣ ва ғарбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳз донистани уҳдадориҳои гуногуни

ҳуқуқӣ ва дарки масъулият нисбати иҷрои онҳо метавонад, давлатҳоро ба рушди аркони давлатдорӣ расонида бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол аллакай дар давраи қабули Конститутсияи муосири худ бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобида буд. Бо ин Ҳукумати кишвар эълон намуд, ки дар кишвар ҷомеаи худогоҳ ва соҳибихтиёрро тарбия намуда, дар таъмини адолати иҷтимоӣ саҳми муносиби худро мегузорад [1]. Хушбахтона, дар давоми зиёда аз сӣ соли соҳибистиқлолии кишвар ҳамаи заминаҳои меъёриву ҳуқуқии давлатдории миллӣ таъмин гардида, дар мамлакат як қатор санадҳои зарурӣ, ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро ба танзим медарорад, қабул карда шуд.

Бо қабули ҳамаи заминаҳои ҳуқуқии пешбурди фаъолияти рӯзмарраи ҷамъият дар кишвар зарур шуморида мешавад, ки барои таъмини риояи беҳтари ин қонунҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дуҷонибаи давлату шаҳрвандон бояд дар кишвар сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати риояи ҳуқуқӣ боло бардошта шавад. Бояд гуфт, ки бе ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ риояи талаботи қонун ва дарки моҳияти ҳуқуқу ӯҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайриимкон мебошад. Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 25 апрели соли 2008 ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, қайд менамоянд: “Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад” [2].

Пас аз ироаи Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ”, ки дар он соли 2024 аз ҷониби сарвари давлат ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардид, аз 30 декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» таҳти №668 ба тасвиб расонида шуд [4].

Дар тавзеҳоти фармони мазкур мақсад ва вазифаҳо асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар муайян карда шудааст. Дар тавзеҳот қайд карда мешавад, ки: “Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад” [3].

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун тахайюлоти инсонӣ мафҳуми васеъро дар бар гирифта, маҷмуи мураккаби ҳодисаҳои ҳаёти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар он пеш аз ҳама, муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, равонии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо дар мадди аввал меистад.Вобаста ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ байни олимон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, дар адабиётҳои илмӣ низ намудҳои гуногуни маънидодкунии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ба чашм мерасанд. Чунончӣ, М.Б. Смоленский чунин мешуморад, ки маърифати ҳуқуқӣ-ин шакли инкишофёбии

муносиби инсонӣ ва воситаи муҳими таъмини ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Барои бунёди воқеии ҷомеаи демократӣ зарур ин аст, ки дар баробари ҳамаи тадбирҳои дигари бунёдкорӣ, ҳамагон ҳамчун шаҳрванд ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои хешро хело хуб дар сатҳи зарурӣ донем. Аз он самаранок ва пурмаҳсул истифода намоем. Қонун ва қоидаҳои қабулгардидаро баҳри зиндагии сазовор дуруст ва бо камоли ақл дар зиндагии рӯзмарра амалӣ намоем.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон қабули фармони мазкур бисёр саривақтӣ ва муҳим ба шумор рафта, дар тарбияи ҷомеаи ҷавонони мамлакат нақши бисёр муҳим дорад. Махсусан дар даврае, ки тамоми ҷаҳонро танишҳои гуногуни ҳарбиву сиёсӣ ва геополитикӣ фарогир буда, ин гуна “бозиҳои сиёсӣ”-и қудратхоҳони ҷаҳонӣ ба ҳастии кишварҳои миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳифзи ҳуқуқҳои насли якуми инсонӣ аз ҷониби аҳолӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти аҳолии мамлакатро ҷавонону наврасон ташкил менамояд. Ҳарчанд ҳуқуқ ҳамчун предмети таълимӣ дар муассисаҳои миёна ва баъдан дар макотиби олӣ таълим дода мешавад, вале сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар то ҳол ба талаботи ҷомеаи мутамаддини демократӣ ҷавобгӯ нест. Омили асосии онро маҳз рӯз ба рӯз ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйирот дар низоми қонунгузории кишвар ташкил менамояд. Аз ин ҷост, ки донистан ва аз худ намудани ҳуқуқҳои аввалини инсон ва махсусан ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд вазифаи асосии ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳимоя намудани фарҳанг, урфу одат ва дигар арзишҳои миллӣ. Дар ин замина аллакай якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни ҶТ «Дар бораи 39 танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» ва дигар намунаҳои қонуни миллӣ дар даврони гузариш ба одати рӯзмарра табдил ёфта, ҷиҳати таъсири мусбати онҳо ба шаклгирии урфу одат ва анъанаҳои мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ чорабиниҳои пайвастаи амалӣ ва назарӣ бояд дид. Дар раванди ҷаҳонишавӣ санадҳои мазкур ва қабул гардидани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти миллидошта дар ҳимояи фарҳанги миллӣ ва арзишҳои миллӣ нақши муҳим мебозад.

Ба таври васеъ агар мақсади эълони соли 2024-ро ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” таҳлил намоем, метавонем ҳадафҳои асосӣ ва вазифаҳои дар ин роҳ амалишавандаро чунин тавсиф намоем:

- **баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон** дар замони пуртазоди ҷомеаи муосир аз вазифаи асосии давлат ба шумор меравад. Зеро огоҳӣ ва донистану ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ метавонад, шаҳрвандонро дар ҳимояи ҳуқуқи худ ва таъмини риояи уҳдадориҳои давлату ниҳодҳои давлатӣ ва ё мақомоти байналмилалӣ кӯмакрасон бошад. Дар навбати худ баланд гардидани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боиси иҷрои беҳтари талаботҳои қонунгузории кишвар аз ҷониби онҳо мегардад.
- **тарғиби арзишҳои демократӣ.** Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ кӯшиш менамояд, ки ба таври ҳамешагӣ риояи ҷиддии қонунҳо ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Иҷрои ин рисолати муҳим боиси ба таври худкор ҳифз гардидани арзишҳои озодӣ ва баробариву адолати иҷтимоӣ мегардад, ки онҳоро демократия талаб менамояд.

➢ **мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона ба он.** Ҳуқуқи инсон арзиши волотарин ва муҳимтарине ба ҳисоб меравад, ки Конститутсия ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ танзим менамоянд. Тавассути эълони “Соли маърифати ҳуқуқӣ” давлат метавонад, риоя ва танзими иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар кишвар таъмин намуда, ҳамчунин мушкилоти асосии ин самтро дар якҷоягӣ бо аҳолӣ муайян ва барои тасҳеҳ ба мақомоти қонунгузорӣ пешниҳод намояд. Дар ин росто давлат ва ниҳодҳои давлатӣ масъул ва вазифадор карда мешаванд, ки дар баробари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд инчунин дараҷаи дарки ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳоро боло бардоранд. Аксаран ин кор тавассути ба роҳ мондани омӯзиши густурдаи меъёрҳои асосии Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба роҳ монда шуда, тавассути он сатҳи салоҳиятнокӣ ва бомасъулиятии шаҳрвандон дар баробари меъёрҳои қонун баланд бардошта мешавад.

➢ **баланд бардоштани мақоми қонун ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун.** Тавре аллакай қайд карда шуд, мақоми қонун ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ дар миёни аҳолӣ танҳо тавассути огоҳонидани онҳо баланд бардошта мешавад. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун халқи соҳибмаданият ва дорои дараҷаи баланди санъату фарҳанг ҳамеша ба қонун ҳамчун арзиши олӣ эҳтиром мегузоранд. Барои таъмини волоияти қонун шаҳрвандон ва давлат зарур аст, ки эҳтироми мутақобиларо ташаккул диҳанд ва бо ин роҳ аҳолиро дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба қонунҳо тарбия намоянд.

➢ **оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ.** Яке аз мушкилоти асосие, ки дар ҷомеаи муосир мушоҳида мешавад, ин беаҳамиятӣ ва бепарвогӣ ба қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайрокуниҳо миёни аҳолии кишвар ба шумор меравад. Аҳолӣ аксаран ба ҳолатҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар гирду атрофашон рух медиҳад, хунукназарона рафтор намуда, ҳатто аҳамият намедиҳанд. Ин боиси костагии низоми ҳуқуқии кишвар ва амалӣ нагардидани принсипи асосии ҷомеаи демократӣ яъне адолати иҷтимоӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки яке аз ҳадафҳои асосии соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 ин тарбия намудани оштинопазирӣ ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ дар замири шаҳрвандон мебошад. Аҳолӣ бо тарбияи хислати мазкур дар замири метавонанд, минбаъд дар ҳар як хатогии кӯтоҳ масъул шуморида ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд. Дар ин ҳолат сатҳи ҳама гуна қонуншиканӣ коҳиш ёфта, осоиш дар мамлакат таъмин карда мешавад.

Эълон гардидани соли 2024 ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” метавонад, паёмадҳои мусбати зеринро доро бошад:

❖ пеш аз ҳама сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолии кишвар баланд гардида, ҳуқуқвайрокунӣ дар байни аҳолӣ кам мегардад, ки боиси ташаккули аркони ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ мегардад;

❖ баланд гардидани сатҳи саводнокӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат боиси минбаъд дар раванди қабули қонуну санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба воситаи вакилони худ иштирок намудан ва талаб намудани ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби аҳолӣ мегардад, ки тантанаи арзишҳои демократиро дар кишвар таҷассум менамояд;

❖ ба мақомоти қонунгузории кишвар дар роҳи фаъолияти минбаъда ва инчунин муайян намудани самтҳои асосии

таҳкими низоми қонунгузорӣ кӯмаки бевоситаи аҳолии кишвар расонида мешавад;

❖ ҷомеа аз ҳуқуқу озодиҳои худ огоҳ гардида, дар роҳи риоя ва иҷрои талаботҳои он кӯшиш ба харҷ медиҳад;

❖ муносибатҳои дуҷонибаи давлат ва шаҳрвандон, риояи вазифаву уҳдадориҳои дуҷонибаи миёни онҳо беҳтар гардида, боиси иштироки бевоситаи давлату мақомоти он ва аҳолӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мегардад.

Масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда робитаи ногусастанӣ дорад [6].

Чораҳои гуногун ва барномаҳои давлатие, ки давоми соли оғозгардида дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд, бевосита дар иҷрои вазифаҳое, ки дар боло қайд карда шуд, саҳми муносиб гузошта, бори дигар демократияи хос ва сифр миллии дар Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидаро ба ҷомеаи ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

Ба ақидаи Ф.М. Рудинский ҳуқуқи инсон ҳамчун илм аз таърих (бо фарогирии қонуниятҳои пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқҳои инсон дар манотиқи мухталифи олам), назария (тавассути ҳамгироӣ ва ҷамъбасти афкори ахлоқӣ, фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ доир ба моҳияти ҳуқуқ ва манзалати инсонӣ) ва амалия (бо фарогирии раванди мураккаби татбиқи умумисайёравӣ ва дохилидавлатии ҳуқуқҳо, ки тавассути таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои ҷудогона ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқӣ сурат мегирад) таркиб ёфтааст [7].

Бо шиносоӣ намудан ба мафҳум, мақсад ва аломатҳои маърифати ҳуқуқӣ муайян мегардад, ки маърифати ҳуқуқӣ ба давлат, ҷомеа ва инсоният аҳамияти басо муҳим дорад. Барои ташкил намудани ҷомеаи устувор ва дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ шаҳрвандонро зарур аст, ки донишҳои ҳуқуқии худро сайқал диҳанд. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, аммо танҳо бо кӯмак ва талошҳои муштараки ҷомеа ва давлат метавон фарҳанги муътадили ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандонро ташкил намуд.

Ба ҷуз ин, мутолиаи адабиёти бадеӣ низ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон нақши созгори бозида метавонад. Ашъори шоирони машҳури мо аз одамушшуаро Рӯдакӣ, то Фирдавсию Носири Хусрав, Шайх Саъдию Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхию Абдураҳмони Ҷомӣ.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

2. Консепсияи сиёсати њуќуќии ЉТ барои солњои 2018-2028, Фармони Президенти ЉТ

аз 6 феврали соли 2018. – № 1005 // Махзани мутамаркази иттилоотї-њуќуќии ЉТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронї]. Манбаи дастрасї: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурољиат: 09.08.2019).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. Манбаъ: http://www.president.tj/node/195

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023 таҳти №668

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023. Манбаъ: http://www.president.tj/node/32191

6. Рудинский, Ф.М. Наука прав человека и проблемы конституционного права [Текст] / Ф.М. Рудинский. – Москва, 2006. – 1234 с.

7. Каменская В.И., Ратинова А.Р. Правосознание как элемент правовой культуры// Правовая культура и правовое воспитание. М.1977 С.47.

8. Смоленский М.Б. Правовой менталитет - фактор формирования правовой культуры как основы гражданского общества//Известия высщых учебных заведений.Северокавказский регион. 2002. №1. С.73.

Маълумот дар бораи муаллиф

Ҳасанова М.А. - н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64-14.тел: 933021977, почта: manzura_khasanova@mail.ru

Сведения об авторе

Хасанова М.А. - н.и.ф., старший преподаватель кафедры таджикского языка ТГФЭУ, адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова, 64-14.тел: 933021977, почта:manzura_khasanova@mail.ru

About the author

Hasanova M.A. - Senior lecturer at the Department of the Tajik language of the Tajik state university of finance and economics, address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 14-64.tel: 933021977, почта:manzura_khasanova@mail.ru

МАТЕМАТИКА

УДК: 517.55.

ГРАНИЧНАЯ ЗАДАЧА РИМАНА С НЕПРЕРЫВНЫМИ КОЭФФИЦИЕНТАМИ В СИНГУЛЯРНОМ СЛУЧАЕ

Усмонов Н.
Таджикский Государственный финансово-экономический университет
Надирова М.И.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Аннотация. В работе исследуется граничная задача Римана в сингулярном случае с непрерывными коэффициентами. Установлено, что число решение задачи в классе функций, ограниченных на контуре, не изменяется от наличия полюсов сопряженно-аналитического характера у коэффициента задачи и уменьшаются на суммарный порядок всех нулей сопряженно-аналитического характера.

Ключевые слова: аналитическая функция, нули функции, полюс, интерполяционный многочлен, граничное задаче, коээффициента задачи, дифференцируемая функция, разрыв первого рода.

Для цитирования: Усмонов, Н. Граничная задача римана с непрерывными коэффициентами в сингулярном случае / Н. Усмонов, М.И. Надирова // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 3(46). – С. 133-141.

THE RIEMANN BOUNDARY VALUE PROBLEM IN THE SINGULAR CASE WITH A CONTINUOUS COEFFICIENT

Usmonov N.
Tajik State University of Finance and Economics
Nadirova M.I.
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

Annotation. The paper investigates the Riemann boundary value problem in the singular case with a continuous coefficient. It is established that the number of solutions to the problem in the class of functions bounded on the contour does not change from the presence of conjugate-analytical poles in the coefficient of the problem and decreases by the total order of all zeros of conjugate-analytical character.

Keywords: analytical function, zeros of a function, pole, interpolation polynomial, boundary value problem, coefficient of a problem, differentiable function, discontinuity of the first kind.

МАСЪАЛАИ КАНОРИИ РИМАН ДАР ҲОЛАТИ СИНГУЛЯРӢ БО КОЭФФИТСИЕНТҲОИ БЕФОСИЛА

Усмонов Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Надирова М.И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи канории Риман дар ҳолати сингулярӣ бо коэффитсиенти бефосила тадқиқ карда шудааст. Дар ин ҷо муайян карда шудааст, ки

қутбҳои ҳамроҳшудаи коэффитсиент ба шумораи ҳалҳои масъала таъсир намерасонад, аммо нулҳои ҳамроҳшудаи коэффитсиент ба шумораи ҳалҳо таъсир мерасонад.

Калимаҳои калидӣ: функсияи аналитикӣ, нол, қутб, функсияҳои каноникӣ, бисёраъзогии интерполятсионӣ, функсияи дифференсиронидашаванда, индекс.

Индексом задачи назовём целое число $æ = \sum_{k=0}^{m} æ_k$ где $æ_k = \frac{1}{2\pi}\{\arg G(t)\}\Gamma_k$.

ПОСТАНОВКА ЗАДАЧИ РИМАНА. Пусть Γ-контур, состоящий из $m+1$ простых замкнутых контуров Ляпунова $\Gamma_0, \Gamma_1,...,\Gamma_m$, ограничивающих многосвязную в область D^+, дополнительную к ней часть плоскости, состоящую из суммы m конечных односвязных областей и бесконечной области D_k^- $(k=1, 2, ...,m)$, в дальнейшем для краткости назовём также, областью и обозначим через D^-.

ЗАДАЧА R. Потребуется найти две аналитические функций $\varphi^{\pm}(t)$ принадлежащие в областях $D^{\pm}$ имеющие почти всюду предельные значения на границе Г и функции $\varphi^{\pm}(t)$ удовлетворяют граничному условию вида:

$$\varphi^+(t) = \frac{\prod_{k=1}^{\mu}\left(\overline{t-\alpha_k}\right)^{m_k}}{\prod_{j=1}^{\nu}\left(\overline{t-\beta_j}\right)^{p_j}} G_1(t)\varphi^-(t) + g(t), \qquad (1)$$

здесь α_k, β_j некоторые точки контура на Г и α_k, β_j – является нули и полюсы коэффициента задачи, где m_k, p_j - натуральные числа, $G_1(t) = \prod_{k=1}^{\mu}\left(\overline{t-\alpha_k}\right)^{m_k} \cdot \prod_{j=1}^{\nu}\left(\overline{t-\beta_j}\right)^{-p_j}$ – есть коэффициент задачи Римана и она непрерывная функция, причем $g(t)$ – из класса Гельдера на контуре Г.

Обозначим индексом задачи Римана через $æ = IndG_1(t)$, здесь $p = \sum_{j=1}^{\nu} p_j$, $m = \sum_{k=1}^{\mu} m_k$. Решение будем искать в классе функций, ограниченных на контуре Г.

Очевидны следующее равенства:

$$\prod_{k=1}^{\mu}\left(\overline{t-\alpha_k}\right)^{m_k}=\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_k\right)^{m_k}\cdot e^{-2i\sum_{k=1}^{\mu}\psi_k^{(1)}m_k},$$
$$\prod_{j=1}^{\nu}\left(\overline{t-\beta_j}\right)^{p_j}=\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_j\right)^{p_j}\cdot e^{-2i\sum_{j=1}^{\gamma}\psi_j^{(2)}p_j}. \quad (2)$$

здесь $e^{-2i\sum_{k=1}^{\mu}\psi_k^{(1)}m_k}$ и $e^{-2i\sum_{j=1}^{\gamma}\psi_j^{(2)}p_j}$ – является непрерывной функции и $\psi_k^{(1)}$, $\psi_j^{(2)}$ – аналитическая функция на Г и их индексы, соответственно равны $-m$ и $-p$.

Подставляя выражение (2) на равенстве (1), получим:

$$\varphi^{+}(t)=\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_k\right)^{m_k}\cdot\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_j\right)^{-p_j}\cdot G_2(t)\varphi^{-}(t)+g(t), \quad (3)$$

здесь: $G_2(t)=G_1(t)\cdot e^{-2i\left(\sum_{j=1}^{\nu}\psi_j^{(2)}p_j-\sum_{k=1}^{\mu}\psi_k^{(1)}m_k\right)}$.

Отсюда следует, что $IndG_2(t)=IndG_1(t)+æ+p-m$, $æ=IndG_1(t)$. Из краевого условия (3) видно, что решение ищется в классе функций ограниченных на контуре Г, и функция $\varphi^{-}(z)$ представима в виде:

$$\varphi^{-}(z)=\prod_{j=1}^{\nu}\left(z-\beta_j\right)^{p_j}\cdot z^{-p_j}\varphi_1^{-}(z). \quad (4)$$

Подставляем равенство (4) в равенстве (3) имеем:

$$\varphi^{+}(t)=\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_k\right)^{m_k}\varphi_1^{-}(t)+g(t). \quad (5)$$

От функции $g(t)$ требуется, чтобы она в точке $t=\alpha_k$ была дифференцируема $m-1$ раз.

Построим интерполяционный многочлен $T(t)$, так чтобы для неё выполнялось следующее условие:

$$T^{(i)}(\alpha_k)=g^{(i)}(\alpha_k),\quad (k=1,2,\ldots,\mu,\quad i=0,1,\ldots,m_{k-1}). \quad (6)$$

При помощи равенства (6) краевое условие (5) преобразуется в следующем образом:

$$\varphi^{+}(t)-T(t)=\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_k\right)^{m_k}t^{-p_j}\varphi_1^{-}(t)+g(t)-T(t), \quad (7)$$

или

$$\varphi^{+}(t)-T(t)=\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}\cdot t^{-p_j}\varphi_1^{-}(t)+\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}g_1(t),$$

Разделив обе стороны равенства (7) на $\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}$, отсюда имеем следующее:

$$\frac{\varphi^{+}(t)-T(t)}{\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}}=t^{-p_j}\varphi_1^{-}(t)+g_1(t),$$

или

$$\varphi_1^{+}(t)=t^{-p_j}\varphi_1^{-}(t)+g_1(t), \qquad (8)$$

здесь: $\varphi_1^{+}(t)=\dfrac{\varphi^{+}(t)-T(t)}{\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}}$.

Итак, мы получили задачу Римана в регулярном случае. Задача Римана в случае, когда коэффициент $G(t)$ непрерывная функция и её свободный член $g(t)$ удовлетворяет условию Гельдера. Для этой случай в замкнутом форме было решено Ф.Д. Гаховым. Отметим, что далее Б.В. Хведелидзе обобщил эти решение на случай многосвязной области и свободный член, $g(t)-$суммируемая функция со степенью $p>1$.

В настоявшей, заметке мы покажем, что результаты Ф.Д. Гахова относительно краевой задачи Римана будет верна лишь тогда, когда коэффициент задачи $G(t)$ является непрерывная функция.

Известно, что каждую суммируемую функцию можно представит в виде следующей равенство:

$$\varphi(t)=\varphi^{+}(t)-\varphi^{-}(t), \qquad (9)$$

где $\varphi^{\pm}(t)-$являются почти всюду предельными угловыми значениями функций $\varphi^{\pm}(z)$ аналитических в областях $D^{\pm}$. Представление (9) единственно, если предположит, что $\varphi^{\pm}(t)\in L_p(\Gamma)$ и $\varphi^{-}(\infty)=0$.

Используя методом Сохоцкого для функции $\varphi^{\pm}(t)$ имеем:

$$\varphi^{+}(t)=\frac{1}{2}\varphi(t)+\frac{1}{2\pi i}\int_{\Gamma}\frac{\varphi(\tau)}{\tau-t}d\tau,$$

$$\varphi^{-}(t)=-\frac{1}{2}\varphi(t)+\frac{1}{2\pi i}\int_{\Gamma}\frac{\varphi(\tau)}{\tau-t}d\tau \qquad (10)$$

На обоснование формул (10) в случай, когда $\varphi(t)-$суммируемая функция, было исследовано И.В. Приваловым, позже Б.В. Хведелидзе, показал, что о принадлежность $\varphi(t)$ классу $L_p(\Gamma),\ при\ (p>1)$, влечет принадлежность $\varphi^{+}(t)$ и $\varphi^{-}(t)$ к тому же классу и $L_p(\Gamma)-$ является ограниченный оператор т.е.

$$\left(\int_{\Gamma}\left|\frac{1}{\pi i}\int_{\Gamma}\frac{\varphi(\tau)}{\tau-t}d\tau\right|^{p}ds\right)^{\frac{1}{p}}\le M_p\left(\int_{\Gamma}|\varphi(t)|^{p}ds\right)^{\frac{1}{p}},$$

здесь M_p-является постоянным числом, не зависит от функции $\varphi(t)$.

Отсюда следует, что

$$\left\|\varphi^{\pm}(t)\right\|_{L_p}\le\frac{1}{2}\left\|\varphi(t)\right\|_{L_p}+\frac{M_p}{2}\left\|\varphi(t)\right\|_{L_p}=\frac{M_{p+1}}{2}\left\|\varphi(t)\right\|_{L_p},$$

где $\left\|\varphi(t)\right\|_{L_p}=M_p\left(\int_{\Gamma}|\varphi(t)|^{p}ds\right)^{\frac{1}{p}}$.

Сказанное позволяет сформулировать задачу Римана в следующем образом:

Надо найти аналитическую функцию φ принадлежащую классу $L_p(\Gamma)$ и удовлетворяющую краевому условию (8), где $\varphi^{+}(t)$ и $\varphi^{-}(t)$ означают оператором, заданными равенствами (10).

В основе исследования лежит следующая простая идея. В случаи, когда $G_1(t)=1$ краевая задача Римана обращается в задачу о скачке, который безусловна, разрешима и однозначна в классе L_p по контуру Γ.

Оказывается, что малые отклонение у коэффициента задачи функция $G_1(t)$ от единиц не имеет характера решения задачи. Переходя к общему случаю, производится при помощи приближения функции $\ln G_1(t)$ к функциям удовлетворяющему условию Гельдера .

Рассмотрим случай, когда индекс задачи $æ_0=æ_1=\ldots=æ_m=0$. В этом случае функция $\ln G_1(t)-$является непрерывной функцией. Тепер приблизим её к функции f, так, чтобы она удовлетворяла условию Гельдера

$$\left|e^{(\ln G(t)-f)}-1\right|\le g<\frac{2}{1+M_p}. \qquad (11)$$

Далее, используя методы Ф.Д. Гахова, функцию $G_1(t)=e^f$ представим в виде отношение $G_1(t)=\frac{\chi^+(t)}{\chi^-(t)}$. Здесь $G_1(t)-$ является непрерывные функциями в замкнутых областях $D^{\pm}+\Gamma$ и нигде не обращается в нуль, где $\chi^{\pm}(t)-$ аналитические функции в областях $D^{\pm}$.

Введём новые функции $\varphi_1^{\pm}(t)=\varphi^{\pm}(t)\left[\chi^{\pm}(t)\right]^{-1}$, относительно, которых задача Римана перепишется в следующем образом:

$$\varphi_1{}^{+}(t)=\frac{G(t)}{G_1(t)}\varphi_1^{-}(t)+\frac{g(t)}{\chi^{+}(t)} \qquad (12)$$

Краевая задача (12) в случае, когда индекс задачи $æ_0=æ_1=\ldots=æ_m=0$ безусловна, разрешима и имеет единственное решение.

Перейдём к исследованию самого общего случая,

Первый случи. Когда индекс задачи $æ-p=0$. Вводя новые неизвестные функции получим:

$$\varphi_*^{+}(z)=\prod_{k=1}^{m}\left(z-z_k\right)^{æ_k}\varphi^{+}(z),\quad \varphi_*^{-}(z)=\varphi^{-}(z),\ \text{где}\ (z_k\in D_k^{-}).$$

Придём к неоднородной задаче Римана функция

$$g_1^{(j)}(\zeta_r)=T^{(j)}(\zeta_r),\ (j=1,2,\cdots,\omega),\qquad(7)$$

где $g_1^{(j)}(\zeta_r)$ и $T^{(j)}(\zeta_r)$ - значения производных j - го порядка в соответствующих точках

$$g_1(t)=\prod_{k=1}^{\omega}(t-\xi_k)^{-q_k^{(1)}}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}(t-\xi_r)^{-q_r^{(1)}}\cdot g(t).$$

В силу (7) имеем

$$\varphi_2^+(t)=\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-2q_k^{(2)}}\cdot z^{-\mathrm{P}^{(2)}}A_1(t)\cdot\varphi_2^-(t)+\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-2q_k^{(2)}}\cdot\overline{z^{\mathrm{P}^{(2)}}}\cdot\ell^{-2\theta_2\mathrm{P}_k^{(1)}}B_1(t)\cdot\overline{\varphi_2^-(t)}+g_2(t).$$

В силу (7) имеем

$$\varphi_2^+(t)=\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-2q_k^{(2)}}\cdot z^{-\mathrm{P}^{(2)}}A_1(t)\cdot\varphi_2^-(t)+\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-2q_k^{(2)}}\cdot\overline{z^{\mathrm{P}^{(2)}}}\cdot\ell^{-2\theta_2\mathrm{P}_k^{(1)}}B_1(t)\cdot\overline{\varphi_2^-(t)}+g_2(t),$$

где $$\varphi_2^+(t)=\frac{\varphi_1^+(t)-T(t)}{\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{\mathrm{P}_r^{(1)}}}$$

или

$$\varphi_2^+(t) = t^{-\mathrm{P}^{(2)}}\tilde{A}_1(t)\cdot\varphi_2^-(t) + \tilde{B}_1(t)\cdot\overline{\varphi_2^-(t)} + g(t). \qquad (8)$$

Для задачи (8) справедлива следующая теорема:

Теорема. Пусть в задаче сопряжения гармонических функций (1) коэффициенты $\alpha_k,\beta_k,\gamma_k,\eta_k,\delta_k, k=1,2.$- удовлетворяют условию Гёлдера и в сингулярных точках были дифференцируемы достаточное число раз и $\sup_{t\in(L)}\left|\frac{\tilde{B}_2(t)}{\tilde{A}_2(t)}\right|<1$, где $\tilde{A}_2(t)$ и $\tilde{B}_2(t)$ выражаются через $\alpha_k,\beta_k,\gamma_k,\eta_k,\delta_k$ линейным образом, и l- число линейно – независимых решений однородной задачи и p- число условий, необходимых и достаточных для разрешимости неоднородной задачи.

Решений ищется в классе интегрируемых на контуре функций.

Тогда:

1. при $æ - p^{(2)} \geq 0, \quad l = 2\left(æ - p^{(2)}\right)$ и $p = 0$

2. при $æ - p^{(2)} < 0, \quad l = 0, \; p = \left|æ - p^{(2)}\right|.$

Необходимое и достаточное условие разрешимости неоднородной задачи (1) имеет следующий вид

$$\int_{-\infty}^{\infty}(t-i)^{-k}Q[g(t)]dt = 0, \quad k = 0,1,2,\cdots,\left(æ - p^{(2)}\right).$$

Литература

1. Гахов Ф.Д. Краевые задачи. М., 1977. 640 с.
2. Мусхелишвили Н.И. Сингулярные интегральные уравнения. М. 1968.
3. Михайлов Л.Г. Новый класс особых интегральных уравнений и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. Душанбе, 1963, 195с.
4. Михайлов Л.Г. Новый класс особых интегральных уравнений и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. Душанбе, 1963, 195с.
5. Михайлов Л.Г. О задаче сопряжения решений уравнения в частных производных второго порядка на плоскости. ДАН СССР, т. 256, №2, 1981 стр. 276-281.
6. Усмонов Н., Саидов Б.Б. Сингулярные точки в граничном условии задачи сопряжения гармонических функцией для полуплоскости. ДАН Республики Таджикистан. 2014.Том 54, №12. 977-983с.
7. Усмонов Н., Саидов Б.Б. Сингулярные граничные задачи сопряжения гармонических функцией. ДАН Республики Таджикистан. 2015.Том 58, №12. 1078-1089с.
8. Усмонов Н., Шадманов М.У. Сингулярная краевая задача линейного сопряжения в параболическом случае. Сборник научных трудов Украина Черновцы 2012. №21 (37) 316-320с.
9. Усмонов Н., Шадманов М.У. Краевая задача Карлемана в сингулярном случае. Вестник Национального университета. Серия естественных наук. №1/1 (102), 2013. 60-67с.

Маълумот дар бораи муаллифон

Саидов Бахтиёр Бобокалонович - номзади

Сведения об авторах

Саидов Бахтиёр Бобокалонович - кандидат

About the authors

Saidov Bakhtiyor Bobokalonovich - Candidate

илмҳои физика – математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14, E-mail: tgfeu.tg, тел: 935075405

Шадманов Мирали Урақбаевич – номзади илмҳои физика – математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14, E-mail: mirali.shadmanov.64@mail.ru, Тел.: 777071865.

физико-математических наук, доцент кафедры «Высшая математика». 734067; Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, Таджикский государственный финансово - экономический университет. E-mail: tgfeu.tg, тел: 935075405

Шадманов Мирали Уракбайевич - к.ф.-м.н., доцент, заведующий кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово- экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова,64/14, E-mail: mirali.shadmanov.64@mail.ru, Тел.: 777071865.

of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Higher Mathematics. 734067; Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14, Tajik State University of Finance and Economics. E-mail: tgfeu.tg, tel: 935075405.

Shadmanov Mirali Urakbayevich - Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Higher Mathematics, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14, E-mail: mirali.shadmanov.64@mail.ru; Tel.: 777071865.

УДК: 378

МУНОСИБАТҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОН

Кабиров А.Т.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар ин мақола муносибатҳои дидактикӣ дар масъалаҳои муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои асосии тафаккури математики хонандагон ва як қатор масъалаҳое, ки ба ин мавзуъ алоқаманданд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф як қатор корҳои таҳқиқотии педагогҳо ва психологҳоро омухта, натиҷаи корҳои онҳоро оид ба мафҳуми тафаккур аз нуқтаҳои назари гуногун: фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайра баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо. тафаккури математикӣ, тафаккури диалектикӣ, намудҳои тафаккур, хосият ва махсусияти тафаккур аз назари психологӣ, критерия, психология,
педагогика.

Барои иқтибос: Кабиров, А. Т. Муносибатҳои дидактикӣ дар масъалаҳои муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои асосии тафаккури математикии хонандагон / А. Т. Кабиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 3. – С. 176-182.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В ВОПРОСАХ ОПРЕДЕЛЕНИЯ СУЩНОСТИ И ОСНОВНЫХ ХАРАКТЕРИСТИК МАТЕМАТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

Кабиров А.Т.
Таджикский Государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В данной статье анализируются дидактические отношения в вопросах определения сущности и основных характеристик математического мышления учащихся и ряд вопросов, связанных с этой темой. Автором изучен ряд исследований педагогов и психологов и рассмотрены результаты их работы над концепцией мышления с разных точек зрения: философской, психологической, педагогической и др.

Ключевые слова: математическое мышление, диалектическое мышление, виды мышления, особенности и специфика мышления с психологической точки зрения, критерии,
психология, педагогика.

DIDACTIC RELATIONS IN THE MATTERS OF DEFINING THE ESSENCE AND MAIN CHARACTERISTICS OF STUDENTS' MATHEMATICAL THINKING

Kabirov A.T.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article analyzes didactic relations in the matters of defining the essence and main characteristics of students' mathematical thinking and a number of issues related to this topic. The

author has studied a number of studies by teachers and psychologists and considered the results of their work on the concept of thinking from different points of view: philosophical, psychological, pedagogical, etc.

Keywords: mathematical thinking, dialectical thinking, types of thinking, features and specifics of thinking from a psychological point of view, criteria, psychology, pedagogy.

Гузориши масъала. Ҷомеаи иттилоотии муосир сармояи зеҳниро ҳамчун омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ муайян мекунад. Давлат ба шаҳрвандоне ниёз дорад, ки дар тӯли тамоми умри худ ба таҳсили муттасил, ба худшиносӣ ва эҷодкорӣ машғул буда, дар тафаккури худ ватандӯстӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ ва дигар омилҳои муҳими шаҳрвандиро инкишоф дода, ба тағйири мавқеъ ва намудҳои фаъолияташон омода буда, дорои малакаи эҷодкорӣ-навоварӣ бошанд.

Яке аз вазифаҳои асосии зинаи болоии мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури мустақил ва фаъолияти эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ мебошад. Тафаккури математикӣ торафт маъмул мегардад. Имрӯз усулҳои ҳамагонии математикӣ қариб дар тамоми соҳаҳои фаъолият истифода мешаванд, онҳо асоси ҳама гуна технологияи ҷомеаи муосир мебошанд. Тафаккури математикӣ барои таҳлили иттилоот, кор бо системаҳои компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ҳангоми гузоштани масъалаҳои нав ва ҳалли онҳо, ҳангоми интиқоли ғояҳо аз як соҳа ба шароити дигари мушаххас хеле зарур аст. Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи иттилоотӣ тафаккури математикӣ воситаи зарурии ҳаёти фаъоли одамон мегардад.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Масъалаи муайян кардани моҳияти тафаккури математикӣ мавзуи корҳои илмии бисёр психологҳо ва педагогҳо мебошад. Масалан, Б.В. Гнеденко [4] А.Н. Колмогоров [11], В. Крутетский ва дигарон хусусиятҳои тафаккури математикиро дар объектҳои маърифатнокӣ муайян намудаанд; Ҷ. Ҳадамард, К. Данкер, Ю.М. Колягин, Н Майер, А. Маркушевич, Д.Д. Мордухай-Болтовский, А. Пуанкаре, В. Гейкер, А. Я. Хинчин, Т. Сиген, С.И.Шварсбурд ва дигарон хусусиятхои тафаккури математикиро на бо предметҳо, балки бо усулҳои тадқиқоти математикӣ алоқаманд карда, онро бо тафаккури мантиқӣ, абстрактӣ муайян намуданд; Р. Атахонов[1], В. В. Давидов [6], Л. М. Фридман [13] ва дигарон чунин мешумориданд, ки тафаккури математикӣ ба тафаккури назариявӣ хеле наздик аст; Н. Бурбаки [2], Ҷ. Пиаже ва дигарон тафаккури математикиро ҳамчун як раванди биологӣ омӯхта, амалиёти психологиро бо сохторҳои математикӣ пайваст карданд; Л. Б. Ителсон, И.Я. Каплунович, Д Норман, В. Тестов, М.А.Холодная ва дигарон зерсохторҳои математикии тафаккурро дар асоси сохторҳо ва муносибатҳои математикӣ муайян карданд.

Ташаккули асосҳои консептуалии рушди тафаккури математикӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тафаккури умумӣ ва ҷустуҷӯи шароит барои рушди босамари зеҳнии мактаббачагон дар фазои таълимӣ мавзуи корҳои тадқиқотии педагогҳо ва психологҳо мебошанд: Р.С. Гурев, В.В. Давидов, А. Дистервег, А. В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, К.Д. Ушинский, Д. Б. Элконин ва дигарон фаъолияти мустакилонаи маърифатию тарбиявии мактаббачагонро ҳамчун шарти

мухимтарини инкишофи тафаккур муайян кардаанд;

Мақсади мақола аз муносибатҳои дидактикӣ дар масъалаҳои муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои асосии тафаккури математикии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Тадқиқотчиён А. Воллона, Б. Инхелдер, Ҷ. Пиаже ва дигарон чунин мешумориданд, ки раванди ташаккули тафаккур бояд пеш аз ҳама ба воситаҳои табиӣ такя кунад: кунҷковӣ, пешниҳод ё андешаи бедоркунанда, инкишофи нутқ, фаъолияти эҷодӣ ва ғайра; Л.С. Виготский кайд кард, ки «дуруст ташкил кардани таълими мактаббачагон дар «минтақаи инкишофи наздик» қувваи асосии пешбарандаи инкишофи тафаккури математикии онҳо мебошад» [3, 136]; П.Я. Галперин [5], В.А. Кан-Калик [10], А. Коста, Л.М. Фридман [13] ва дигарон назарияи ташаккули амали психологиро таҳия намуда, марҳалаҳои пайдарпайи раванди ташаккули қобилияти тафаккури математикиро муайян намуданд; М. А. Данилов, И. Я. Лернер, В. Окон, М. Н. Скаткин ва дигарон инкишофи тафаккури математикиро бо дараҷаи баланди ичрои амалиёти фикрӣ (таҳлил, синтез, умумикунонӣ ва абстракция) алокаманд карданд; Ю.К. Бабанский, А.М. Матюшкин, Е. Пономарева, Т.И. Шамова ва дигарон кайд карданд, ки ба инкишофи тафаккури математикӣ ташкили фаъолияти ҷустуҷӯӣ дар синф мусоидат мекунад.

Масъалаҳои муайян кардани шароити педагогии инкишофи намудҳои гуногуни тафаккур (интиқодӣ, эҷодӣ, математикӣ, мантиқӣ, табиатшиносӣ, технологӣ) – ро дар тадқиқотҳои О.В. Андронова, Т.А. Безусова, Н.Г. Дендеберя, В.В. Левитес, Е.В. Леонова, М.А. Незнамова, Н.А.Резникова, Л.А. Си, Н.В. Ширяева ва дигарон ба таври васеъ баррасӣ кардаанд. Муайян карда шуд, ки тафаккури математикӣ ҷузъҳои зеҳнӣ, фаъолият, эҳсосӣ-шахсӣ ва эҷодиро муттаҳид мекунад. Самаранокии инкишофи он ба актуализатсияи малакаи ченкунӣ, мантиқӣ, ҳисоббарорӣ, инкишофи ҳисси математикӣ ва мантиқӣ, ҳавасмандкунии худдорӣ, худтанқидкунӣ, қобилияти абстрактӣ дар эҷодиёти математикӣ вобаста аст. Имкониятҳои таълими модулӣ, истифодаи масъалаҳои номатлуб ва усулҳои таълими проблемавӣ дар таълими математика ва физика ҳамчун механизм ва воситаҳои ташаккули тафаккури математикӣ баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, ҷанбаҳои назариявӣ ва педагогии рушди тафаккури риёзии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар илми педагогӣ асосҳои мунтазам нагирифтаанд. Фаъолияти таълимии мактаби миёна асосан ба рушди тафаккури мантиқӣ ва алгоритмии мактаббачагон нигаронида шудааст. Ба имкониятҳои ТИК, фаъолияти ҷустуҷӯӣ-тадқиқотӣ, усулҳои таълими проблемавӣ барои рушди тафаккури математикӣ, мустақилияти эҷодӣ ва худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ аҳамияти кофӣ дода нашудаанд, масъалаҳои ташкили шароити махсуси педагогӣ барои бомуваффақият татбиқ намудани онҳо ба мақсадҳои зикршуда омӯхта нашудааст.

Таҳлили тадқиқоти педагогӣ ва таҷрибаи ташкили фаъолияти педагогӣ бо мақсади инкишофи тафаккури математикии мактаббачагони синфҳои болоӣ имкон дод, ки зиддиятҳои асосие, ки дар назария ва амалия мавҷуданд, дар байни:

– эҳтиёҷоти ҷомеа ва давлат ба аъзои салоҳиятдори ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва омода набудани системаи педагогӣ барои пурра амалӣ намудани ин талабот дар

раванди таълими мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ;

– самти мактаби таҳсилоти умумӣ ба модели салоҳиятноки таълим, ки инкишофи тафаккури мактаббачагон, аз ҷумла ташаккули тафаккури математикиро дар назар дорад, таҳияи нокифояи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ташкили шароити педагогии инкишофи тафаккури математикии хонандагони синфҳои боло;

– талаботи муосир ба сатҳи инкишофи тафаккури риёзӣ, вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ, ки бо тамоюли тафаккур ба услуби образнокӣ-эҳсосии тафаккур ва паст шудани фаъолияти фаъоли равонии аъзоёни он алоқаманданд;

– имкониятҳои усулҳои интерактивии таълим (тадқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ-тадқиқотӣ, проблемавӣ) дар асоси усулҳои математикии таҳлили иттилоот, ташаккули тафаккури математикӣ ва умуман тафаккури мактаббачагон ва усулҳои анъанавии таълими репродуктивӣ, ки ба рушди хотира ва таваҷҷӯҳ нигаронида шудаанд.

Зарурати бартараф намудани ин зиддиятҳо ба мо имкон медиҳад, ки масъалаи зерини тадқиқотро ба миён гузорем: кадом шароитҳои педагогӣ ба инкишофи самарабахши тафаккури математикии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд?

Аз нуқтаи назари педагогӣ тафаккури математикӣ ҷузъи тафаккури умумӣ мебошад, ки бо хусусиятҳои инъикоси воқеият ва усулҳои математикии фаҳмишҳои он муайян карда мешавад. Хусусиятҳои муҳими тафаккури математикӣ, ки мавҷудият ва инкишофи онҳо дараҷаи инкишофи тафаккури математикиро дар маҷмуъ муайян мекунанд, қобилиятҳо мебошанд: дарк кардан, ифода кардан, тасаввур кардан; муайян кардани робитаҳо, арзишҳои миқдорӣ ва таносубҳо; бо тасвирҳо, мафҳумҳо ва образҳои математикӣ амал кардан; рефлексивӣ; ба мустаҳкамкунии забонӣ ва рамзии фикр.

Азхудкунии системаи донишҳои математикӣ ва ба даст овардани қобилияту малакаҳои муайяни математикии хонандагон яке аз вазифаҳои мураккаби раванди таълими математика дар мактаби миёна ба ҳисоб меравад. Вазифаи дигаре, ки аҳамияти он аз гуфтаи боло кам нест, ин инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон мебошад. Маълум аст, ки дар мактаб талаба барои азхуд кардани дониш кӯшиши бисёр мекунад, аммо ин дониш зуд фаромуш мешавад, агар дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқи худро наёбад. Аз ин рӯ, вазифаи муҳимтарини мактаби муосир аз он иборат аст, ки сатҳи ба қадри кофӣ баланди инкишофи тафаккури хонандагонро таъмин намояд, омӯзгор усулҳои фаъоли таълимро самарабахш истифода намуда, ба он кушад, ки талаба дар мактаб на танҳо миқдори оптималии маълумотро азхуд намояд, инчунин роҳҳои инкишофи хотираи онро таҳлил карда, эҷодкорона фикр карданро омӯзад.

Мафҳуми тафаккурро мо метавонем аз нуқтаҳои назари гуногун: фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайра баррасӣ намоем. Аз нуктаи назари фалсафӣ тафаккур зинаи олии маърифати инсон, ҷараёни инъикоси воқеияти ҳақиқӣ мебошад. Тафаккур ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи предметҳо, хосиятҳо ва муносибатҳои олами воқеӣ дониш ба даст орем, ки онҳоро дар сатҳи эҳсосии маърифатнокӣ бевосита дарк кардан ғайриимкон аст. Тафаккури инсон хусусияти ичтимоӣ-таърихӣ дошта, бо фаъолияти амалӣ зич алоқаманд аст. Маълум аст, ки шакл ва қонунҳои тафаккурро мантиқ, механизмҳои ҷараёни онро психология ва нейрофизиология

меомӯзанд. “Кибернетика тафаккурро вобаста ба вазифаҳои моделсозии техникии баъзе амалиёти психологӣ таҳлил мекунад” [10,с.190]. Аз нуқтаи назари психология тафаккур ин фаъолияти маърифатии инсон, як роҳи бавосита ва умумишудаи инъикоси воқеият мебошад. Тафаккур дар асоси фаъолияти амалӣ аз маърифати эҳсосӣ ба вуҷуд меояд ва аз доираи он хеле берун меравад.

Илми психология (равоншиносӣ) намудҳои зерини тафаккурро ҷудо мекунад:

1) *интуитивӣ* - бо гузариши шиддатнок, набудани марҳилаҳои дақиқ, дарки ҳадди аққал тавсиф карда мешавад;

2) *аёнӣ-амалкунанда* - ҳалли масъалаҳо бо ёрии ҳолати табдилдодашудаи воқеию табиӣ тавсиф карда мешавад;

3) *аёнӣ-тасвирнок* – бо муаррифии ҳолатҳо ва тағйироти онҳо алоқаманд буда, тасвир метавонад дар як вақт биниши предметро аз чанд
нуқтаи назар ба даст орад;

4) *амалӣ* - бо гузоштани мақсадҳо, таҳияи нақшаҳо, лоиҳаҳо алоқаманд аст ва аксаран дар шароити маҳдудияти вақт ҷараён мегирад, ки баъзан онро аз тафаккури назариявӣ боз ҳам мураккабтар мегардонад;

5) *шифоҳӣ-мантиқӣ* - бо истифодаи мафҳумҳо, сохти мантиқӣ, вазифаҳо дар асоси воситаҳои забонӣ хос буда, марҳилаи охирини инкишофи таърихӣ ва онтогенетикии тафаккурро ифода мекунад. Дар сохтори он намудҳои гуногуни
умумӣ ташаккул ёфта, амал мекунанд;

6) *эҷодӣ* - бо эҷоди маҳсули субъективии нав ва шаклҳои нав дар худи фаъолияти маърифатӣ барои эҷоди он хос аст. Ин шаклҳои нав ба ҳавасмандкунӣ, ҳадафҳо, баҳоҳо, маъноҳо дахл доранд. Тафаккури эҷодӣ аз равандҳои татбиқи донишҳои тайёр ва малакаҳои тайёр, ки тафаккури репродуктивӣ номида мешавад, фарқ мекунад.

Адабиёти психологию педагогиро оид ба масъалаҳои тафаккури математикӣ ва инкишофи он таҳлил намуда, мо маълум намудем, ки дар айни замон барои шарҳи тафаккур ва шарҳ додани механизмҳои идоракунии он ягон равиши ягона вуҷуд надорад. Ба андешаи мо, инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки дар муқоиса бо дигар равандҳои шуурнокии инсон тафаккур раванди ниҳонӣ ва душвортарини омӯзиш ба ҳисоб меравад. Тафаккури диалектикию материалистии тафаккур дар асоси принсипи детерминизм ин аст, ки тафаккур «таъсири пайвастаи субъекти фикркунанда бо предмети шинохташуда» мебошад. Дар рафти таъсири мутақобилаи худ субъект дар объект бештар хусусиятҳои наверо кашф мекунад, ки онҳо низ ба муайянкунии фаъолияти амалӣ ва маърифатӣ дохил мешаванд" [8, с.429]. Е.В. Иленков [7] қайд кардааст, ки «таълими тафаккури махсуси инсонӣ маънои таълими диалектикаро дорад», ки бо дарки тагйирёбӣ, думаъногӣ, зиддият, ягонагӣ, алокамандӣ ва вобастагии байни мафҳумҳо ва муносибатҳо хос аст. Диалектикӣ фикр кардан – ин нишон додани қобилият ба муносибати ғайриқолибию гуногунтарафӣ ҳангоми омӯхтани предмету ҳодисаҳо мебошад.

Тафаккури математикӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Комилан равшан аст, ки агар барои шарҳи тафаккур муносибати ягона вуҷуд надошта бошад, он гоҳ барои шарҳи тафаккури математикӣ низ муносибати ягона вуҷуд надорад. Ю. М. Колягин мафҳуми тафаккури математикиро бо маҳдудиятҳои зерин дида баромадаст:

1) «тафаккури математикӣ» хамчун истилоҳи корӣ истифода мешавад;

2) мақсад гузошта намешавад, ки тафаккури математикӣ аз ҷиҳати “дохилӣ”

сирф психологӣ тавсиф карда шавад. Мақсад муайян кардани хусусиятҳои алоҳидаи тафаккури математикӣ, ки дар фаъолияти таълимӣ зуҳур мекунанд, ба таври априорӣ эътироф кардан аст, ки инкишофи онҳо дар мактаббачагон дар раванди таълими математика самаранокии инкишофи математикии хонандагонро ба таври умум баланд мебардорад; роҳҳои таълими ин гуна инкишофро дар шакли муайян ошкор кардан аст. Дар ин шароит Ю.М. Колягин [12,с.106] мафҳуми «тафаккури математикӣ» - ро ворид мекунад: «Дар зери мафҳуми тафаккури математикӣ мо, аввал он шаклеро мефаҳмем, ки дар он тафаккури математикӣ дар раванди дарки инсон бо илми мушаххаси математика ё дар раванди татбиқи математика дар дигар илмҳо, техника, хоҷагии халқ ва ғайра зоҳир мешаванд; дуюм, он хусусияти хос, ки бо худи табиати илми математика шартгузорӣ карда шудааст ва усулҳои маърифати падидаҳои воқеияти ҳақиқӣ, ки онро татбиқ мекунанд, инчунин он усулҳои умумии тафаккур, ки дар ин раванд истифода мешаванд».

В.В. Давидов дар таҳқиқоти худ оид ба ташаккули назариявии тафаккури математикии мактаббачагон нишон додааст, ки «танҳо чунин тафаккурҳои математикӣ, физикӣ ва дигар тафаккурҳои назариявӣ метавонанд объекти худро, ки ба сифати тафаккури мантиқӣ баромад мекунанд, дар ҳақиқат инъикос карда, маводи таҷрибавии худро дар категорияҳои мантиқ коркард намоянд. Ҳамин тавр, мо ба инсон хулосаи мақсаднокро дода, ба он такя мекунем, ки ӯ маҳз ба алоқаи қатъӣ такя намуда, аз байни маҷмуи хосиятҳои бемазмун хосияти пурмазмунро ҷудо мекунад, яъне «ҳисси раванд» - ро соҳиб мешавад. Критерияи ҳамин гуна ҷамъбасткунӣ (мисли дигар критерияҳо) мантиқи диалектикиро ташаккул медиҳад ва бо ҳамин ҳамчун “критерия” - и асосии тафаккури назариявӣ баромад мекунад... » [6,с.339]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки тафаккури пурраи математикӣ, пеш аз ҳамма, тафаккури диалектикӣ мебошад.

Адабиёт

1. Атаханов Р. Математическое мышление и методики определения уровня его развития. /Под ред. В.В.Давыдова. –Москва – Рига. –2000. –208с.

2. Бурбаки Н. Архитектуры математики. //Математические просвещение, №5, - М.: Физматгиз, 1960.

3. Вигодский Л.С. Мышление и речь //-СПБ, изд. Питер, -2018, -432с.

4. Гнеденко Б.В. Введение в специальность математика /- Москва, изд. Наука, - 1991, -300с.

5. Гальперин П.Я. Введение в психологию. — 6-е издание. /— М.: КДУ, 2006. — 331 с.

6. Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении. /— М.: Педагогическое общество России, 2000. — 480 с.

7. Иленьков Э.В. Школа должна учить мыслить: [учеб.-метод. пособие] /— М.: дом МПСИ, 2009. — 210 с.

8. Кабиров А.Т. Оид ба методҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва фикронии эҷодии хонандагон дар таълими математика //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии

ДДМИТ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. 29.11.2022, саҳ. 426-434.

9. Кабиров А.Т. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва фикрронии эҷодии математикии хонандагон (Монография) /-Д.: Нашри Камол, -2024, -220с.

10. Кан-Калик В.А. Учителю о педагогическом общении /— М.: Просвещение, 1987. 190с.

11. Колмогоров А.Н. Логика и основания математики /— М.: Просвещение, 2023. 250с.

12. Колягин Ю. М. Функции задач в обучении математике и развитии мышления школьников // - М.: Советская педагогика. — 1974. — № 6.

13. Фридман Л.М. Психолого-педагогические основы преподавания математики в школе / - М.: Педагогика, 1983. — 160 с.

Маълумот дар бораи муаллиф	Сведения об авторе	About the author
Кабиров Абубакр Тиллоевич – н.и.ф.м., дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 777 071 905. Email:kabirov.a60@mail.ru	**Кабиров Абубакр Тиллоевич** – к.ф.м.н., доцент кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 777 071 905. Электронная почта: kabirov.a60@mail.ru	**Kabirov Abubakr Tilloevich** - Associate Professor of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State Financial and Economic University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov st. Tel.: 777071905. Email: kabirov.a60@mail.ru

УДК: 513

БАЪЗЕ МАЪЛУМОТҲОИ МУҲИМ АЗ ТАҲЛИЛИ ФУНКСИОНАЛӢ ДОИР БА ТАДҚИҚИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ДАР ФАЗОҲОИ БЕОХИРЧЕНАКА

Пирназарзода К.Б.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиТоҷикистон
Хасанова Г.Н.
Колеҷи Технологии шаҳри Душанбе

Аннотатсия. Дар ин мақола таърихи мухтасари омӯзиши системаи беохири муодилаҳои дифференсиалӣ дар фазоҳои беохирченакаи банахӣ, инчунин натиҷаҳои назарраси олимони ин соҳа оварда шуда афзалияти методҳои таҳлили функсионалӣ нисбат ба методҳои классикӣ баръало зоҳир мегардад. Мафҳумҳои асосӣ ва як қатор тастиқотҳои таҳлили функсионалӣ оварда шуда аст.

Калидвожаҳо: системаи беохири муодилаҳои дифференсиалӣ, фазои Банахӣ, фазоҳои беохирченака, операторҳои хаттӣ, оператори Фредголм, фазои хаттии метрӣ, фазои нормиронидашуда, инъикоси маҷмӯъ.

Барои иқтибос: Пирназарзода, К. Б. Баъзе маълумотҳои муҳим аз таҳлили функсионалӣ доир ба тадқиқи муодилаҳои дифференсиалӣ дар фазоҳои беохирченака / К. Б. Пирназарзода, Г.Н. Ҳасанова // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 3. – С. 183-186.

НЕКОТОРАЯ ВАЖНАЯ ИНФОРМАЦИЯ ИЗ ФУНКЦИОНАЛЬНОГО АНАЛИЗА ИССЛЕДОВАНИЕ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ В БЕСКОНЕЧНОМЕРНЫХ ПРОСТРАНСТВАХ

Пирназарзода К.Б.
Таджикский государственний финансово-экономический университет
Хасанова Г.Н.
Душанбинский технологический колледж

Аннотация. В краткой истории изучения бесконечной системы дифференциальных уравнений в бесконечных банаховых пространствах, а также значительных результатах ученых в этой области явно очевидно превосходство методов функционального анализа над классическими. Представлены основные понятия и ряд результатов функционального анализа.

Ключевые слова: бесконечная система дифференциальных уравнений, банахово пространство, бесконечномерное пространство, линейные операторы, оператор Фредгольма, линейное метрическое пространство, нормализованное пространство, отражение множеств.

SOME IMPORTANT INFORMATION FROM FUNCTIONAL ANALYSIS, THE STUDY OF DIFFERENTIAL EQUATIONS IN INFINITE-DIMENSIONAL SPACES

Pirnazarzoda K.B.
Tajik State University of Finance and Economics
Khasanova G.N.
Dushanbe Technological College

Annotation. In the brief history of the study of an infinite system of differential equations in infinite Banach spaces, as well as the significant results of scientists in this field, the superiority of the methods of functional analysis over the classical ones is clearly evident. The basic concepts and a number of results of functional analysis are presented.
Keywords: infinite system of differential equations, Banach space, infinite-dimensional space, linear operators, Fredholm operator, linear metric space, normalized space, set reflection.

1. Фазои хаттӣ.

Таърифи 1. Маҷмӯи ғайрихолии X , ки табиати элементҳояш дилхоҳ аст фазои хаттӣ номида мешавад, агар

1) Барои дилхоҳ ду элементҳои $x, y \in X$ якқимата элементи $z \in X$, ки суммаи элементҳои x ва y номида мешавад вуҷуд дошта аксиомаҳои зеринро қаноат кунад:

а) $x + y = y + x$;

б) $x + (y + z) = (x + y) + z$;

в) дар X элементи нейтралии $\ominus$ вуҷуд дорад, ки $x + \ominus = x, \forall x \in X$.

г) Барои элементи дилхоҳи $x \in X$ элементи мукобили $-x \in X$ вуҷуд дошта шарти зерин ичро шавад: $x + (-x) = \ominus$.

2) Барои адади дилхоҳи $\alpha \in P$ ва элементи дилхоҳи $x \in X$, элементи $\alpha x \in X$ вуҷуд дошта аксиомаҳои зеринро қаноат кунад:

д) $\alpha \cdot (\beta x) = (\alpha \cdot \beta) \cdot x$;

е) $1 \cdot x = x$;

ё) $(\alpha + \beta) \cdot x = \alpha x + \beta x$,

ж) $\alpha(x + y) = \alpha x + \alpha y$.

Агар фазои хаттии X аксиомаҳои фазои метриро қаноат кунад он- гоҳ онро фазои хаттии метрӣ меноманд. Мисолҳои оддитарини фазоҳои хаттӣ ин векторҳо дар ҳамворӣ ва фазо, функсияҳои дар порчаи додашуда бефосилаи муайян ва матритсаҳои тартиби n ба ҳисоб мераванд.

2. Фазои нормиронидашуда.

Таърифи 2. Бигузор фазои ғайрихолии X дода шуда бошад. Агар дар фазои хаттии X ба ҳар кадом элементи он $x \in X$ адади ҳақиқии мусбати $\| x \|$, ки нормаи ин элемент номида шуда шартҳои

1) $\| x \| \geq 0, \| x \| = 0 \Leftrightarrow x = \ominus$,

2) $\| \lambda \cdot x \| = | \lambda | \cdot \| x \|, \lambda = const, x \in X$,

3) $\| x + y \| \leq \| x \| + \| y \|, \quad x, y \in X$,

- ро қаноат мекунад, мувофиқ гузошта шавад, он гоҳ онро фазои хаттии нормадор меноманд. Агар фазои хаттии нормадори X пурра бошад, он гоҳ онро фазои Банахӣ[2] меноманд. Дар дилхоҳ фазои нормадор

$$\rho(x, y) = \|x - y\|, \quad \forall x, y \in X$$

метрикаро муайян мекунад. Баръакс, дар дилхоҳ фазои метрикӣ

$$\|x\| = \rho(x, \ominus)$$

нормаро муайян мекунад, ки дар ин ҷо $\ominus$ - элементи нейтралии фазо мебошад. Бо осонӣ санҷидан мумкин аст, ки дар фазои хаттӣ функ-сияҳои дар порчаи $[a, b]$ бефосилаи муайян бо формулаи

$$\|f\| = \int_a^b |f(x)| d\,x$$

фазои нормиронидашударо ташкил медиҳад. Мазмуни геометрии он масоҳати шаклеро муайян мекунад, ки бо тири абсисса, хатхои рости x=a, x=b ва хати качи $y = f(x)$ маҳдуд аст. Яъне ба ҳар як шакли маҳду-ди ҳамворӣ ки дорои масоҳати охирнок аст адади ягонаи ҳақиқии мус-бат мувофиқ меояд, ки он масоҳати ин шаклро ташкил медиҳад.

3.Мафҳуми оператор.

Таърифи 3. Бигузор ду маҷмӯи дилхоҳи X ва Y дода шуда бошад ва ҳамин тавр қонуне мавҷуд бошад, ки аз рӯи он ба ҳар кадом элементи $x \in$ X элементи ягонаи $y \in Y$ мувофиқ гузошта шавад, онгоҳ мегӯянд, ки оператори $y = Ax$ дода шудааст, ки дар X муайян аст ва маҷмӯи қиматҳояш дар Y мехобад[4]. Боз мегӯянд, ки инъикоси маҷмӯи X ба маҷмӯи Y дода шудааст. Дар ҳолати қиматҳои оператор ададҳои ҳақиқӣ будан, операторро функсионал меноманд. Мисолхои одитарини операторхо ин матритсахо, операторхои дифференсиронӣ ва интегронӣ ба ҳисоб мераванд.

Таърифи 4. Бигузор оператори A дар фазои хаттии X муайян бошад ва қиматҳояш дар фазои хаттии Y ҷойгир бошад. Онгоҳ оператори A хаттӣ номида мешавад, агар барои элементҳои дилхоҳи x_1 ва x_2 аз X

$$\mathrm{A}\,(\alpha x_1 + \beta x_2) = \alpha \cdot \mathrm{A}x_1 + \beta \cdot \mathrm{A}x_2$$

шавад, ки дар ин ҷо α ва β ададҳои ҳақиқии дилхоҳ (агар X ва Y фазоҳои ҳақиқӣ бошанд), ё ки ададҳои комплексии дилхоҳ (агар X ва Y фазоҳои комплексӣ бошанд) мебошанд.

Мисоли оддитарини операторҳои хаттӣ оператори Фредгольм ҳисоб шуда метавонад:

$$A\varphi(t) = \int_a^b K(t,s)\varphi(s)\,ds$$

Аз хосиятҳои адитивии интеграл ва баровардани адади доимӣ аз ифодаи зери интегралӣ бо осони ошкор карда мешавад, ки оператори Фредгольм хаттӣ аст:

$$A\big(\alpha\varphi(t) + \beta\omega(t)\big) = \alpha A\varphi(t) + \beta A\omega(t).$$

Таърифи 5. Оператори A, ки дар фазои хаттии нормадори X муайян аст ва қиматҳояш дар фазои хаттии нормадори Y мехобад, маҳдуд номида мешавад, агар ҳамин тавр адади мусбати $\mathrm{M} > 0$ мавҷуд бошад, ки барои $\forall\, x \in$ X шарти зерин ичро шавад:

$$\| \mathrm{A}x \|_Y \leq \mathrm{M} \cdot \| x \|_X \ .$$

Адади хурдтарини M, ки ин шартро қаноат мекунад нормаи оператори A номида мешавад ва ин тавр ишора карда мешавад $\| \mathrm{A} \|$.

$$\|A\| = \sup_{x \neq \ominus} \frac{\|Ax\|_Y}{\|x\|_X} \qquad \text{ё} \qquad \|A\| = \sup_{\|x\|_X \leq 1} \|Ax\|_Y$$

Теоремаи 1. Дилхоҳ пайдарпаии наздикшаванда фундаменталӣ аст.

Исбот: Азбаски пайдарпаии додашуда наздикшаванда аст пас дар асоси лимити пайдарпайӣ :

$|x_n - a| \le \frac{\varepsilon}{2}, \qquad |x_m - a| \le \frac{\varepsilon}{2},$

навиштан мумкин аст. Онгоҳ

$$|x_n - x_m| = |x_n - a + a - x_m| \le |x_n - a| + |a - x_m|$$
$$= |x_n - a| + |x_m - a| \le \frac{\varepsilon}{2} + \frac{\varepsilon}{2} = \varepsilon$$

мешавад ва фундаменталӣ будани пайдарпаии додашуда баръало зоҳир мегардад[3].

Адабиёт

1.Валеев К.Г., Жаутиков О.А., «Бесконнечные системы дифференци-альных уравнений». Алма – Ата 1976г. 416 с.

2.Демидович Б.И., «Лекции по математической теории устойчивос- ти». Москва 1967г. 472 с.

3.Барбашин Е.А., «Введение в теорию устойчивости» М-1967 г.224 с.

4.Гантмахер Ф.Р. «Теория матриц». Москва 1954 г. 560с.

5.Колмагоров. А.Н., С. В. Фомин. «Элементы теории функции и функсионального анализа». Москва «Наука» 1989.

6. Вигодский Л.С. Мышление и речь //-СПБ, изд. Питер, -2018, -432с.

7. Гнеденко Б.В. Введение в специальность математика /- Москва, изд. Наука, -1991, -300с.

8. Гальперин П.Я. Введение в психологию. — 6-е издание. /— М.: КДУ, 2006. — 331 с.

Маълумот дар бораи муаллифон

Пирназарзода Камолиддин Бобоназар – ассистенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиТоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14. Тел.: 985152215

Хасанова Гӯзал Нӯралиевна – ассистенти кафедраи табии риёзии Колеҷи Технологии шаҳри Душанбе. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов 46/16. Тел.: 985311297

Сведения об авторах

Пирназарзода Камолиддин Бобоназар – ассистент кафедры высшей математики Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 985152215

Хасанова Гузал Нуралиевна – ассистент кафедры естественной математики Душанбинского технологического колледжа. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 46/16. Телефон: 985311297

About the authors

Pirnazarzoda Kamoliddin Bobonazar - assistant of the department of higher mathematics of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 985152215

Khasanova Gozal Nuralievna - assistant of the department of natural mathematics of Dushanbe Technological College. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimov street 46/16. Phone: 985311297.

Ба таваҷҷуҳи муаллифон!

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 10 саҳифаи компютерӣ кам набошад.
2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.
3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.
4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,15 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 2 см, аз поён – 2 см, аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.
5. Дар саҳифаи аввали мақола DOI, УДК, номи мақола, ному насаб, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон, барои иқтибос нишон дода мешаванд.
6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 6 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.
7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар охири мавод пас аз рӯйхати адабиёт бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)
8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.
9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.
10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.
11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.
12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.
13. Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

К сведению авторов

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 10 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.
2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).
3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».
4. Статьи должны быть представлены в системе Microsoft Word в следующем формате: таджикские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman Tj, русские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman, размер основного текста – 14, список литературы – 12, межстрочный интервал – 1,15 см, абзац от левого угла листа должен быть набран размером – 1,25 см, верхние поля – 2 см, нижние поля – 2 см, левые поля – 3 см, правые поля – 1,5 см, все страницы должны быть пронумерованы.
5. На первой странице статьи DOI, УДК, название статьи, ФИО, аннотация и ключевые слова на трех языках, для цитирования.
6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов на трех языках - таджикском, русском и английском (курсив, кегль 12), и должна содержать основное содержание статьи в развернутом виде и быть пригодной для публикации в отдельном виде (не менее 6 строк). Ключевые слова представляют собой краткое описание содержания научного материала, дают общую информацию о его теме и структуре, и содержат от 8 до 10 слов или выражений, разделенных запятыми.
7. Сведения об авторе (на трех языках - таджикском, русском и английском) в конце материала после списка литературы должны содержать: полное имя и фамилию автора(ов), ученую степень, должность, место работы, адрес, телефон и E-mail (курсив, кегль 12)
8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.
9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.
10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.
11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.
12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.
13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Муҳаррирон: Фарайдунов О.Қ., Ҳамроев М.И.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 1
Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj
Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Редакторы: Фарайдунов О.К., Хамроев М.И.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 1-й корпус
Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www.tgfeu.tj

Editors: Faraydunov O.Q., Hamroev M.I.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 1.
Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

Ба чоп супорида шуд 10.06.2025.
Формати 60х84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 11,8 ҷ. ч. Теъдод 50 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

Сдано в набор 10.06.2025.
Формат 60х84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 11,8 усл. печ.л. Тираж 50 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

Signed to print on 10.06.2025
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 11,8 conv. b.p. Circulation 50 copies.
Printed in the printing house of TSUFE